Репертуари Ҳ. Мавлоноваро баррасӣ намуда, муаллифи мақола ба хулоса меояд, ки сароянда, махсусан ба шоҳасарҳои мусиқии ҷаҳонӣ, мисли партияҳои Татяна аз «Евгений Онегин», Лиза аз «Моткаи қарамашшоқ», Мария аз «Мазепа» - и П.И.Чайковский, «Аида» аз «Аида», Дездемона аз «Отелло», Леонора аз «Трубадур»- и Ҷ. Верди, Тоска аз «Тоска»- и Ҷ. Пуччини, Ярославна аз «Княз Игор» - и А.Бородин ва дигарон таваҷҷуҳ бештар карда, онҳоро бо рангу ҷилоҳои тоза, маҳорати ҳирфаии нақшофаринӣ, бо дарки амиқи хислатҳои қаҳрамонони ин асарҳо, ба тамошобинон манзур карда тавонистааст.

Калидвожаҳо: *Ҳанифа Мавлонова, санъати опера, овозхонии академӣ, театри опера ва балет, мактаби вокалӣ, иҷрокунандагӣ, мусиқии касбии тоҷик.*

ХАНИФА МАВЛЯНОВА И РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЫ АКАДЕМИЧЕСКОГО ВОКАЛЬНОГО ИСПОЛНИТЕЛЬСТВА

Мирали Достизода

Народный артист Таджикистана, и.о. профессора кафедры академического пения и хорового дирижирования Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. Республика Таджикистан, г. Душанбе

Аннотация. *Данная сатья посвящена одной из важных проблем современности - возрождению, сохранению и поклонению деятелем искусства, которые внесли свой весомый вклад в развитие таджикского професссионального музыкального искусства. В ней рассматриваются*

некоторые стороны творческой детяельности Х. Мавлоновой, которые до настоящего времени не получили полного освещения.

Отмечается, что она является одним из основателей таджикского профессионального музыкального искусства, в жанре вокального искусства, ею исполнены произведения мировой классики, а также, произведения таджикских композиторв на высоком професиональном уровне. Тем самым, она является одной из женщин – основателей вокального искусства в Таджикистане и внесщей вклад в развитие профессионального музыкального искусства таджиков.

Рассмотрев репертуар Х. Мавлановой, автор статьи приходит к выводу, что певица уделяла особое внимание мировым музыкальным шедеврам, таким как партии Татьяны из «Евгения Онегина», Лизы из «Пиковой дамы», Марии из «Мазепы» П.И. Чайковского, Аиды из «Аиды», Дездемоны из «Отелло», Леоноры из «Трубадура» Дж. Верди, Тоски из «Тоски» Дж. Пуччини, Ярославны из «Князя Игоря» А. Бородина и другим, и смогла донести их до зрителей с новыми красками, профессиональным актерским мастерством и глубоким пониманием характеров героинь этих произведений.

Ключевые слова: *Ханифа Мавлонова, оперное искусство, академическое пение, театр оперы и балета, вокальная школа, исполнительство, таджикское профессиональное музыкальное искусство.*

HANIFA MAVLYANOVA AND THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK SCHOOL OF ACADEMIC VOCAL PERFORMANCE

Mirali Dostizoda

People's Artist of Tajikistan, Acting Professor of the Department of Academic Singing and Choral Conducting at the Talabkhuja Sattorov National Conservatory of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Annotation. *This article is devoted to one of the most important issues of the modern era – the appreciation and preservation of the legacy of artists who have made a valuable contribution to the development of professional Tajik musical art. It examines and describes the less explored aspects of the creative and pedagogical activities of the People's Artist of Tajikistan, Hanifa Mavlonova. The article emphasizes that Hanifa Mavlonova is considered one of the founders of professional Tajik musical art. She performed masterpieces of world classical music and works by Tajik composers in the vocal genre at a highly professional level, becoming one of the pioneers of vocal art in Tajikistan and among the first women who significantly contributed to the development of professional Tajik music.*

Having analyzed H. Mavlonova's repertoire, the author concludes that the singer paid particular attention to masterpieces of world music, such as the roles of

Tatyana from Eugene Onegin, Lisa from The Queen of Spades, Maria from Mazeppa by P.I. Tchaikovsky, Aida from Aida, Desdemona from Otello, Leonora from Il Trovatore by G. Verdi, Tosca from Tosca by G. Puccini, Yaroslavna from Prince Igor by A. Borodin, and others. She successfully presented these roles to audiences with renewed artistic expression, professional mastery of performance, and a deep understanding of the characters' personalities.

Key words: *Hanifa Mavlonova, opera art, academic singing, opera and ballet theatre, vocal school, performance, Tajik professional musical art.*

Омӯзиши мероси фарҳанги мусиқии халқи тоҷик, интиқоли он ба насли нави эҷодкорону сарояндагон, баррасии асарҳои ҷаҳонгири онҳо, дар шароити ҳозира хеле мубрам ва муҳим буда, барои рушди санъати мусиқии касбии тоҷик аҳаммияти бузург дорад. Яке аз ин гуна нобиғагони санъати мусиқии академӣ ва поягузорони санъати академии сарояндагӣ, устод Ҳанифа Мавлонова мебошанд, ки нақши нотакрори хешро дар фарҳанги касбии мусиқии тоҷик гузоштаанд.

Таърихи фарҳанги мусиқии Тоҷикистон дар қарни гузашта гувоҳ аст, ки ҳанӯз аввали солҳои сиюми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санъати мусиқии касбии тоҷик, аз ҷумла санъати мусиқии академӣ бо ибтикори як зумра шахсиятҳои фарҳангӣ ва санъатдӯст поягузорӣ шуда, тадриҷан рушд ёфт ва дар арсаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон мавриди эътибор қарор гирифт. Боиси ифтихор аст, ки дар поягузорӣ ва рушди театр адибон ва устодони санъати асили мусиқии тоҷик М. Турсунзода, З. Шаҳидӣ, А. Деҳотӣ, М. Рабиев, Т. Фозилова, А. Азимова, А. Корох, Л. Кауфман. Е. Прокофев, П. Мирошниченко, Ғ. Валаматзода, С. Баласанян, А. Исломова, А. Протсенко, А Ленский, А. Муллоқандов, М Муъминов, А. Камолов, Л. Зоҳидова ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Бино бар ин, аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқу омӯзиши ва таҳлилу баррасӣ намудани ташаккул ва рушди санъати мусиқӣ, фаъолияти эҷодии шахсиятҳои алоҳида, ки фарҳанги касбии тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намудаанду мактабҳои хоссаи хешро таъсис додаанд, хеле мубрам ва дорои аҳаммияти бузург аст.

Ба вуҷуди нооромию ҷангу ҷидолҳо ва ҷабрҳои таърих, осору пайкори арзишманди наҷибзодагони миллати мо мавқеи хоссаи худро асрҳои аср маҳфуз намудаву ҷаҳониёнро маҳбут сохтаву боиси ифтихори мо меросбарону пайвандонашон гаштаанд. Ин гуна шахсиятҳо бо корнамоиҳои ҳунарӣ на танҳо саҳифаҳои зиндагии худро рангину хотирмон менамояд, балки бо эҷоду иҷро қалби инсонро бо суруду мусиқӣ мунаввар менамояд ва саҳифаҳои таърихии мусиқиро рангину пурнакҳат мегардонанд.

Аз саҳифагардонии таърихи санъати сарояндагии академии Тоҷикистон симоҳои азизу арҷманд, ба мисли Туҳфа Фозилова, Ҳанифа Мавлонова, Лутфӣ Кабирова, Мулук Баҳор, Шоиста Муллоҷонова, Раъно

Ғолибова, Фая Юнусова, Флора Ҳакимова, Зебо Аминова, Оятбегим Сабзалиева ва дигарон пеши назар меоянд, ки бо ҳаёти саҳнавӣ, нақши ҳунарӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, меҳру муҳаббат, саҳнаориву маҳорати баланди касбӣ, бо ичрои суруду таронаҳои дилнишину фараҳзо, самимияту ихлоси беназирашон нисбати ҳамкасбону шогирдон ва даҳҳову даҳҳо сифатҳои неки инсонӣ ибратомӯзанд.

Ин ҷо тасмим гирифтам ва зарур шуморидам саҳифаҳои ҳунару эҷод ва зиндагиномаи Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шуравӣ, профессор Мавлонова Ҳанифа Муҳиддиновнаро варақгардонӣ созам. Яке аз ҳамин гуна овозхононе, ки дар инкишофи санъати операи тоҷик саҳми бузург гузоштааст, Ҳунарпешаи мардумии ИҶШС, Артисти халқии Иттиҳоди Шуравӣ, сарояндаи нотакрор Ҳанифа Мавлонова маҳсуб меёбад. Ӯ бо овози марғуладор ва форами хеш тавонистааст асарҳои барҷастаи ватаниву ҷаҳониро дар сатҳи баланд ичро карда, аввалин поягузорони санъати вокалӣ дар Тоҷикистон ва яке аз аввлин заноне мебошанд, ки саҳми худро дар санъати мусиқии касбии тоҷик гузоштаанд.

Роҷеъ ба ҳаёту зиндагии ин олиҳаи ҳусн, овозхони номдор, омӯзгори меҳрубону мушфиқ, устоди устодони сарояндагии академӣ ва инсони накухисол, муҳаққиқи барӯманди мо Низом Нурҷонов ва рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ дар асарҳояшон ибрози назар намудаанд. Нақшҳову партияҳои ичрокардаи ин ҳунармандро аз нигоҳи таҳқиқ таҳлил кардаанд. Баҳои сазоворро низ лоиқ донистаанд [9, с. 71-72; с. 134].

Мо мекӯшем, ба таҳқиқи рисолати сарояндагии Ҳанифа Мавлонова аз доираи самтҳои гуногуни фаъолияти эҷодиву ичрокунандагӣ назар андозем. Аз такрори факту рақамҳои дар маводи чопшуда то ҳадде худдорӣ намуда, то ҷое талош менамоем, ки фактҳои то ҳол дарҷнашударо дарёфт ва манзур намоем. Умед бар он мебандем, ки барои такмилу чеҳракушоии ин ҳунарманди нотакрор ҳамкасбону муҳаққиқон дар оянда таваҷҷуҳ мекунанд ва ин нигоштаи моро такмилу пурра менамоянд.

Ҳадафи мақолаи мазкур таҳлил ва баррасии фаъолияти эҷодиву ичрокунандагии устоди саҳнаи тоҷик Ҳ. Мавлонова, муайян намудани хусусиятҳои нотакрори ин эҷодкори асил, аниқтар ошкор сохтан ва таҳлили фаъолияти эҷодиву педагогии профессори соҳа, нақши ӯ дар тарбияи мутахассисони ҷавони сарояндагии академӣ мебошад. Бо овардани намунаҳои хеле зиёд аз фаъолияти ичрокунандагии Ҳ. Мавлонова ва асарҳои олимон тоҷик муаллиф фикру назарҳои худро ба исбот расонидааст. Муаллиф асарҳои устодашро баррасӣ намуда, хотираҳои хешро ҷамъбаст кардааст. Заминаи назарии таҳқиқотро методи таҳлил ва синтез, баррасии бойгонии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, Кумитаи давлатии радио ва ТВ назди Ҳукумаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои шахсӣ ташкил додаанд. Дар

рафти таҳлил аз унсурҳои таҳлилии санъатшиносӣ низ мақсаднок истифода бурда шудааст.

Шуруъ мекунем аз саҳифагардонии осори Ҳанифа Мавлонова дар риштаи иҷрои партияҳои вокалӣ дар операҳои композиторони тоҷику собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва классикаи ҷаҳонӣ. Аввалин нақш дар ин ҷода партияи Маҳин аз операи «Тоҳир ва Зуҳро»- и А. Ленский мебошад. Сипас, ба ӯ муяссар гашта, ки партияҳои Татяна аз «Евгений Онегин», Лиза аз «Моткаи қарамашшоқ», Мария аз «Мазепа»- и П.И. Чайковский, «Аида» аз «Аида», Дездемона аз «Отелло», Леонора аз «Трубадур»- и Ҷ. Верди, Тоска аз «Тоска»- и Ҷ. Пуччини, Ярославна аз «Княз Игор»- и А. Бородин, Гулрӯ аз «Пӯлод ва Гулрӯ»- и Ш. Сайфиддинов, Малоҳат аз «Бозгашт»- и Ё. Сабзанов, Нисо аз «Бахтиёр ва Нисо»- и С. Баласанян, Сурма аз «Домоди номдор»- и С. Урбах, Маргарита аз «Фауст»- и Ш. Гуно, Сарвиноз аз «Арӯс» ва Хосият аз «Хосият»- и А. Ленский, Милитриса аз «Қиссаи Шоҳ Султон»- и Н. Римский-Корсаков, Недда аз «Ширикорон»- и Р. Леонковаллоро бо рангу ҷилоҳои тоза ба тоза, маҳорати ҳирфаии нақшофаринӣ, бо дарки амиқи хислатҳои қаҳрамонони ин асарҳо, ба тамошобинон манзур карда тавонистани ҳусну малоҳати персонажҳои гуногунхӯ, наҷобату самимияти бонуҳои ошиқ, хонумҳои қавиирода, ки барои ба мақсад расидан чи азобҳо мекашанду чи рӯзгореро паси сар менамоянду билохира дар бештари мавридҳо аз муҳаббати покашон дифоъ намудаву муваффақ мешаванд [12, с. 121- 122]; [6, с. 49-52]. Аз соли 1943 то 1983 рақс 40 соли умри бобаракати саҳнавиро устод Ҳанифа Мавлонова дар калонтарин боргоҳи ҳунари академии Тоҷикистон гузаштааст ва фаъолияти дурахшон дошт. Он кас бемуҳобот яке аз шахсонест ки заминаи рушди санъати вокалии Тоҷикистонро гузоштааст. Маҳз камолоти ҳунарии Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Лутфӣ Кабирова, Шоиста Муллоҷонова, Ҳоҷӣ Аҳмадов, Мулук Баҳор, Фая Юнусова, Флора Ҳакимова, Ҳалим Тоҳиров, Бурҳон Муҳаммадқулов, Низом Ҳамробоев, Оятбегим Сабзалиева дар рушди санъати вокалӣ ва ғановати репертуарии театр аз як ҷониб, заҳматҳои беандоза калони Ғаффор Валаматзода, Лутфӣ Зоҳидова, Муҳаммад Қобилов, Малика Собирова, Музаффар Бурҳонов, Сталина Азаматова, Қурбон ва Татяна Холовҳо, Ҳалима ва Валерий Алибойевҳо, Воҳид Ишонхоҷаев [9] дар болоравии мақоми театр ва эътибори хосса пайдо намудани санъати опера ва балети Тоҷикистон дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳони мутамаддин нақши муассир бозидааст. Ин неруи тавонои ҳунарӣ барои ба унвони театри академӣ сазовор гардидани Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ саҳми хело назаррас ва бориз гузоштаанд.

Садои гирову шунаво, неруи қавии овозӣ, мавзуну хушоҳангии овоз, бо маҳорати баланд иҷро намудани нақшҳои лирикию фоҷеавӣ ва мазҳакавӣ дар операву опереттаҳо ба устод Ҳанифа Мавлонова имконият

фароҳам месозанд, дар муддати хело кӯтоҳ ба сатҳи як ҳунарманди тавоно бирасад. Яке аз вижаҳои ниҳоят муҳимми ҳунари сарояндагиашон дар он зоҳир мегардид, ки матнро хело буррову фасеҳ ва бо тамоми нозукиҳои образи шеърӣ дар қолаби мавзуну мафтункунандаи шеъру оҳанг бо касбияти воло месароиданд. Ин сарчашма аз он ҷост, ки устод Ҳанифа Мавлонова соҳиби овози сопранои лирикӣ-драмавӣ (сопранои лирикӣ - драмавӣ будани овозӣ ӯ ҳанӯз дар Энсиклопедияи советии тоҷик [16, с. 243]) қайд шудааст. Овози устод дорои диапозони мукаммал, лаҳни форам ва марғуладору танинандоз буд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин ҳунари воло ва истеъдоди камёфт дар шахси Ҳанифа Мавлонова боис ба касбияти эҷод ва иҷрои асарҳои бузург шуд. Аз нигоҳи мутахассисони санъати вокалии академӣ, «аксари партияҳои Мавлонова лирикӣ ва драмавии тунду тезанд» [15, с. 122].

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (боб 2), доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Низом Нурҷонов ҳунари вокалии Ҳ. Мавлоноваро чунин арзёбӣ намудааст: «Мавлонова таҷрибаи мактаби вокалии русро, ки дорои психологизми нозук буда, изтиробу ҳаяҷон ва дарду амали инсонро баён менамояд, омӯхта, дар заминаи анъанаҳои миллӣ образҳои хотирнишини психологии вокалию саҳнавӣ офаридааст» [15, с. 121-122].

Дар баробари фаъолияти хело пурсамар дар театр Ҳанифа Мавлонова дар раванди рушду равнақи ҳунари композитории Тоҷикистон ва оммавӣ гардонидану муваффақият пайдо намудани суруду таронаҳои оҳангсозони тоҷик дар миёни мардум саҳми назаррас гузоштаанд. Сурудҳои Зиёдуло Шаҳидӣ – «Бубин» (ғазали Ҳофизи Шерозӣ), «Шодии дил» (шеъри Б. Раҳимзода), «Кори сулҳ» (шеъри М. Аминзода), «Дар шаъни Дарвоз» (шеъри А. Деҳотӣ), «Як бӯса» (шеъри А. Лоҳутӣ), «Шаби маҳтоб» (шеъри М. Турсунзода), «Суруди Ватан» (шеъри Тӯробӣ), «Май ба май» (шеъри М. Раҳимӣ), «Диёрам Тоҷикистон» (шеъри М. Миршакар), Аъзам Камолов – «Даврони ман» (шеъри Ф. Ансорӣ), Шоҳназар Соҳибов – «Зулфи мушкин» (шеъри С. Айнӣ), «Дар водии заррини саҳроӣ» (шеъри А. Шукӯҳӣ), «Хуш набошад» (шеъри Хоҷа Ҳофиз), «Хуш омад» (шеъри Имло), «Баҳорон» (шеъри М. Фарҳат), Ф. Шаҳобов – «Суруди ман» (шеъри М. Турсунзода), А. Бободӯстов – «Нозам» (шеъри Ф. Ансорӣ)», М.Левиев – «Ҳусни ту» (шеъри Ҳ. Юсуфӣ) ва «Маҳбуби Ватан» (шеъри Б. Раҳимзода), Амон Ҳамдамов – «Зулфи мушкин» (шеъри С. Айнӣ), «Шоёни ҳаёт» (шеъри Ф. Ансорӣ), «Мавҷи ҷавонӣ» (шеъри А. Шукӯҳӣ), «Лутф фармоӣ» (шеъри А. Баҳорӣ), Фозил Солиев – дуэти «Меҳнат ва муҳаббат» (шеъри М. Аминзода), Сулаймон Юдаков – «Ёр» (шеъри А. Лоҳутӣ), «Васфи ёр» (шеъри М. Турсунзода) ва «Суруди бахт», Ҷ. Охунов – «Баҳори шӯрафзо» (шеъри М. Фарҳат), К. Мирмуллоев – «Муборак бод», Ш. Сайфиддинов – «Хуш омад» (шеъри Ҳ. Назаров), суруди халқии «Имрӯз»– и Ғармӣ дар

такмили Ш. Сайфиддинов бо ҳамовозии фортепиано (М. Муравин), Хайрулло Абдуллоев «Дида-дида» – бар шеъри Наобӣ, Ёқуб Сабзанов – «Норак муборак» (шеъри Б. Раҳимзода) ва «Тӯёна» (шеъри Ф. Ансорӣ), М. Баҳодуров – «Дилбари саҳроӣ» (шеъри Ҳ. Назаров ва Маҷид Ҳамидов), «Кӯйи ёр» ва ғайра намунаи беҳтарин ҳамкориҳои Ҳанифа Мавлонова бо композиторону шоирони давр маҳсуб меёбад [4]. Ин сурудҳо бо ҳамовозии ансамблу оркестри созҳои халқӣ, оркестри симфонӣ, фортепиано ва фортепианою триои созҳои аврупоӣ ичро ва дар хазинаи тиллоии радиои Тоҷикистон сабт гаштаву маҳфузанд.

Аз осори аз ҷониби Ҳанифа Мавлонова сабтшуда дар бойгонии радиои Тоҷикистон, ҳамчунин, арияву ариозаҳо ва порчаҳо аз спектаклҳои операвии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ нигоҳдорӣ мешаванд, ки зикри номгӯйи онҳоро ин ҷо зарур мешуморем, то ки хонандагони арҷманд ва донишҷӯёни таълимгоҳҳои соҳавӣ тавонанд аз омӯзиши онҳо ва шуниданашон баҳраманд гарданд. Сурудҳои Маҳин ва «Дар равон аст» аз «Тоҳир ва Зӯҳро», арияҳои Аида аз «Аида», Лауретта аз «Джанни Скикки», Лиза аз «Хонум Пик», Майсара ва Ойхон аз «Найрангҳои Майсара», Тоска ва Малт аз «Тоска», Костонеда, ариозаи Комде ва саҳнаи хоб аз «Комде ва Мадан» аз шумори онҳо буда, сабти пурраи радиоии операҳои «Бозгашт», «Комде ва Мадан», «Бахтиёр ва Нисо», «Пӯлод ва Гулрӯ» намунаҳои барҷастаи ҳунари Ҳанифа Мавлонова мебошанд. Асарҳои зикршуда бо ҳамовозии оркестри симфонии Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ сабт шудаанд. Дар баробари ин, арияҳои Дездемона аз «Отелло», Чио-Чио Сан аз «Мадам Баттерфляй», Плач Ярославны ва ариозаи Ярославна аз «Княз Игор» бо ҳамовозии оркестри симфонии радиои Умумииттифоқ сабт шудаанд. Ҳанифа Мавлонова бо дирижёрҳои машҳури советӣ А.И. Климов, П.С. Мирошниченко, В.И. Чернов, Л.Я. Левин, Э.Д. Айропетянс, А. Камолов, А.С. Ленский, И. Абдуллоев, Г.И. Рисман, Д.Э. Долгат, И.Г. Чудновский, Е.М. Вигорский ва П. Баленко ҳамкорӣ кардааст [12] . Ӯ «бештар ба нақшҳои фоҷеавӣ майл дошта, андешаҳои руҳии инсонро амиқ ва бағоят барҷаста ифода карда тавонистааст» [10, с. 2017].

Ҳанифа Мавлонова дар ичрои якқаи сурудҳои халқии тоҷикии «Рубоиёти Ванҷ», «Овард» (ғазали А. Ҷомӣ, такмили Бровкин), «Ҷонон Ватан», «Дарвоз», «Ёд дорам», «Ёри ҷонона», «Оинаи ҳусн»- и Амирӣ ва «Эй сорбон»- и Саъдӣ, ба тариқи дуэт бо Нериё Аминов «Дубарга» ва бадеҳаи «Гулпарӣ», бо Рафоэл Толмасов «Акрамхон» низ хело муваффақ гаштааст. Ҳамчунин, барои ичро ва сабти сурудҳо аз силсилаҳои марворидии Шашмақом низ даст задааст. Ғазалҳои шоирони классик «Таронаи баёт»- и А. Ҷомӣ, «Ушшоқ»-и Зебуннисо, «Қӯшчинор»- и Тӯғрал, «Мустаҳзод» ва «Қашқарчаи савти калон»- и Ҳилолӣ маҳсули ин самти сарояндагии ӯ ба шумор мераванд [1].

Репертуари Ҳанифа Мавлонова хусусияти умумибашарӣ дошт [13]. Аз ҷониби ӯ сурудҳои халқии озарии «Бюл-бюл», армании «Ласточка», русии «Ноченка» такмили Голованов, узбекии «Тинчлик диёри»- и Дони Зокиров ба шеъри Каримов, «Узбек қизни овози»- и М. Левиев бар матни Мухтор, «Хона васлинг»- и Атоӣ, «Шаҳлога тушти», «Гулъузорам», украинии «Ой не свети месяченко» дар радиои Тоҷикистон иҷро ва сабт шудаанд [12]. Ҳамчунин дар хазинаи радиои умумииттифоқ ва телевизиону радиои ҳамсоякишвари мо Узбекистон низ аз осори иҷроии Ҳанифа Мавлонова сурудҳои зиёде маҳфузанд. Қаҳрамонони Ҳ. Мавлонова занҳои дилрабо, пурҳарорат ва ҳассос буда, баҳри ормонҳои олӣ мубориза мебаранд.

Ҳ. Мавлонова дар консертҳо, тавассути радио, телевизион мунтазам баромад намуда, «беҳтарин сурудҳои халқӣ, классикии тоҷик, асарҳои композиторони шуравӣ ва Ғарбро тарғиб мекард» [12, с. 217] ва ба ин восита мардумро ба тамаддуни аслӣ ва арзишҳои мусиқии ҷаҳонӣ ошно месохт.

Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, ки саҳми Ҳ. Мавлоноваро дар рушди санъати касби мусиқӣ дар самтҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст: якум, рушди санъати вокалӣ (иҷрои асарҳои композиторони ватанию хориҷӣ) тавасути офаридани образҳо дар заминаи анъанаҳои миллӣ; дуввум, санъати касбии анъанавӣ (Шашмақом) ва сеюм, ба воситаи иҷрои сурудҳои такмиёфтаи халқӣ.

Ҳунарпешаҳои халқии Иттифоқи Шуравӣ Ҳанифа Мавлонова ва Аҳмад Бобоқулов, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Бурҳон Муҳаммадқулов, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Шамсӣ Низомов омӯзгорони соҳибтаҷрибаву варзида Хайрулло Латифов, Заррина Миршакар дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ба хотири бештар ҷалб намудани ҷавонони маҳаллӣ ба ҳунари овозхонии академӣ ҷаҳду талошҳои зиёде намудаанд. «Аз соли 1967 дотсент, баъдан профессор ва мудири кафедраи вокалӣ ва тайёрии операвии ДДСТ ба номи М. Турсунзода адои вазифа намудаанд» [10, с. 218].

Маҳз бо дастгирии онҳо дар марҳалаҳои гуногун ба олами санъати сарояндагии касбии мо соҳибҳунароне чун Бурҳон Муҳаммадқулов, Низом Ҳамробойев, Миралӣ Достизода, Акбар Мирраҷабов, Сайфулло Юсуфов, Содиқ Нуруллоев, Фахриддин Фазлиев, Қурбонмурод Зокиров, Ҷунайдулло Хоҷаев, Шарофат Усмонзода, Мария Мирзоева, Мунзифа Исоева, Манучеҳр Раҳмонов, Олег Харитонов ва даҳҳои дигар ворид гаштаву ҳаёти худро абадан бо ин навъи ҳунари олӣ пайвастаанд. Ҳар яке дар инкишофи санъати иҷроии вокалии касбӣ саҳми назаррас доранд. Нақш ва ҷойгоҳи муҳими Ҳанифа Мавлонова дар тарбияи т еъдоде аз сарояндагон, ба мисли Рима Милосердова, Галина Ичева, Тоҳира

Латифова, Мурод Ҷумъаев, Татяна Бутова, Абдуҷамил Раҳимов, Татяна Соколова ва даҳҳои дигар басо арзишманд аст.

Устодони зиндаёд, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон профессор Бурҳон Муҳаммадқулов ва омӯзгори соҳибтаҷрибаву муваффақ, профессор Хайрулло Латипов ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон ва Ҳунармандони мардумии Тоҷикистон, профессорон Оятбегим Сабзалиева ва банда, Акбар Мирраҷабов ва Сайфулло Юсуфов (чанд муддат), Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Содиқ Нуруллоев, овозхонони насли даврони соҳибистиқлолии кишвар Мунзифа Исоева, Манучеҳр Раҳмонзода, Шарофат Усмонзода дар айни замон аз ибтидои таъсиси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов то ба имрӯз ибтикороти устодон Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Бурҳон Муҳаммадқулову Хайрулло Латиповро дар самти тарбияи насли ҷавони овозхонони академӣ идома дода истодаанд [2].

Банда бо Сайфулло Юсуфов аз шогирдони устод Ҳанифа Мавлонова ҳастем, ки бо иродати он кас дар пайроҳаҳои пурпеч ва гоҳе дар роҳи равони санъати овозхонии академӣ қадам монда, аз файзи мактаби ҳунарии ин устоди нотакрор шарафёб гардидаем. Дар пайравӣ ба устодон дар озмуну ҷашнвораҳои минтақавию байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ санъати вокалӣ иштирок намудаем. Аз баракати меҳрубониҳову заҳматҳояшон соҳибкасб шудаву обрӯю эътибор пайдо кардаем.

Устод Ҳанифа Мавлонова ҳамчун омӯзгор ҳам меҳрубону ҳам сахтгир буданд. Пеш аз оғози дарс ва пурсиши вазифаҳо аз шогирд аввал аз ҳолу аҳволи ӯ пурсон мешуданд. Нигоҳ мекарданд, ки ҳолати равонии шогирд чӣ гуна аст. Сер аст ё гурусна. Бо худ нону ҳасиб ва ё хӯрдание оварда, аввал шиками шогирдро сер кунонида, сипас ба дарс шуруъ мекарданд [3, с. 6]. Ин гуна дастгирии устод барои овохонони ҷавони мусиқии академӣ дар он давра хеле муҳим ва зарур буд.

Инак, Офаридгори олам ба мо тоҷикон нобиғаҳои бисёреро эҳдо кардааст. Аз ибтидо то кунун фарзона фарзандони ин миллати куҳанбунёду фарҳангсолор дар ғанӣ гардонидани ганҷинаи фарҳанги миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ нақши мондагор гузоштаанду асарҳои иҷрокардаи онҳо обрӯи санъати мусиқии академии тоҷикро баланд бардоштанд.

Ҳамин тариқ, дар **хулоса** бояд зикр кард, ки Ҳанифа Мавлонова:

- дар заминаи эҷодкориҳои онҳо санъати касбии вокалии тоҷик рушду нумуъ ёфта, он дар асраси байнамилалӣ муаррифӣ гардид. Ӯ соҳибҳунари ҷаҳонӣ буд;

- саҳми мавсуф дар тарғиб ва ошно сохтани миллат бо тамаддун аслӣ, анъанаҳои миллии мусиқӣ ва арзшҳои мусиқии ҷаҳонӣ бузург аст;

- аз ҷониби ӯ шоҳасарҳои ҷаҳонӣ дар заминаи хусусиятҳои хоси миллӣ иҷро шудаанд ва мактаби нави санъати сарояндагии операвӣ таъсис ва рушд ёфт;

- устод, соҳибмактаб буданд, мактаби тарбияи овозхонони касбии вокалиро таъсис ва дар ин замина даҳҳо шогирдонро дар жанри сарояндагии академӣ тарбия намудаанд, ки побарҷо будани мактаби устодии ӯ тасдиқ мекунад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Донишномаи Шашмақом. /Муаллифон: А. Абдурашидов, А. Раҷабов, Н. Ҳакимов, Ф. Азизӣ. – Душанбе, 2009. – 423 с.
2. Достизода, М. Даргоҳи ҳунар. //Душанбе. / М Достизода. – Душанбе. – 2021. – №8 – 9. – С. 12–20.
3. Достизода, М. Театри опера ва балети тоҷик: роҳи тайшуда ва рушди минбаъда / М. Достизода // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе – 2020. – №4. (52). – С. 85–94.
4. Композиторон ва мусиқишиносони Тоҷикистон. Маълумотнома. . Мураттибон: Ф.А. Азизӣ ва диг. – Душанбе, 2011. – 288 с.
5. Кохи созу сӯзи овоз. – Душанбе: Адиб, 2010. – 260 с.
6. Мороз, А. Государственный Таджикский ордена Ленина Театр оперы и балета имени С.Айни. – Сталинабад, 1957. – 61 с.
7. Музыкальная жизнь Таджикистана. Вып.1. . – Душанбе, 1974. – 173 с.
8. Музыкальная энциклопедия. . – М., 1976. –1102 с.
9. Нурджанов, Н.Х. Опера и балет Таджикистана. . /Нурджанов Н.Х. – Душанбе, 2010. – 424 с.
10. Обидпур, Ҷӯрахон. Луғатномаи тафсирии истилоҳоти мусиқӣ. Нашри дувум бо иловаҳо. / Ҷ. Обидпур. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 504 с.
11. Фазлиддин, Шаҳобов. Шиҳоби мусиқӣ. Ҷилди I. . /Мураттиб: док. илмҳои санъатшиносӣ Ф.А. Азизӣ. – Душанбе, 2006.
12. Феҳристи асарҳои дар хазинаи радиои Тоҷикистон маҳфуз буда.
13. Шарипов, Х. Ахтарон. . /Шарипов Х – Душанбе, 1986.
14. Шаҳидӣ, З. Мусиқӣ дар ҳаёти ман/Шаҳидӣ З. – Душанбе: Ирфон, 1986. –128 с.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. – . Душанбе, 1989. – 559 с.
16. Энсиклопедияи советии тоҷик. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик.Ҷилди 4. . – Душанбе, 1983. – 634 с.

Дар бораи муаллиф: Миралӣ Достизода – Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, и.в. профессори кафедраи сарояндагии академӣ ва дирижёрии хори Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ш. Ҳусейзода, 155. Тел.: +992 918 24 84 08, E- mail: mirali58@mail.ru.

Сведения об авторе: Мирали Достизода – Народный артист Таджикистана, и. о. профессора кафедры академического пения и хорового дирижирования Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейзода, 155. Тел.: +992 918 24 84 08, E- mail: mirali 58@mail.ru.

About the author: Mirali Dostizoda – People's Artist of Tajikistan, acting Professor of the Department of Academic Singing And Choral Conducting at the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. **Address**: 155 Sh. Huseyzoda Street, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +992 918 24 84 08, E-mail: mirali 58@mail.ru.

ТДУ: 78.072(575.3)

АЗ НАСЛ БА НАСЛ: РИСОЛАТИ МАКТАБҲОИ АВЛОДИИ МАҚОМХОНӢ ВА ФАЛАКХОНӢ

Лутфулло Шарифзода
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Аннотатсия. *Мақолаи мазкур ба таҳқиқи нақш ва рисолати мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ дар ҳифз, интиқол ва рушди мусиқии суннатии тоҷик бахшида шудааст. Дар меҳвари таҳқиқ масъалаи идомаи анъанаҳои иҷрокунандагӣ тавассути низоми «устод-шогирд», хусусиятҳои интиқоли донишҳои мусиқӣ дар муҳити авлодии ҳунарӣ ва аҳаммияти онҳо дар нигоҳдории ҳувияти услубии мактабҳои миллӣ қарор дорад. Дар мақола моҳияти педагогӣ ва фарҳангии низоми «устод-шогирд» баррасӣ гардида, фарқияти он аз шаклҳои умумии интиқоли иттилоот ва таълими назариявӣ муайян карда мешавад. Муаллиф бо такя ба маводи семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ки 29 сентябри соли 2026 дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов баргузор гардид, саҳми намояндагони мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхониро дар ҳифзи таҷрибаи иҷрокунандагӣ ва тарбияи насли нави ҳунармандон таҳлил менамояд. Диққати махсус ба хусусиятҳои услубӣ, усулҳои азхудкунии маҳорати овозхонӣ, нақши хотираи мусиқӣ ва таҷрибаи зиндаи устодон, инчунин робитаи мактабҳои суннатӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбии мусиқӣ равона шудааст. Дар натиҷаи таҳлил зарурати ҳуҷҷатгузории илмии таҷрибаи ҳунармандон, сабти намунаҳои нодири иҷроӣ, ташкили бойгониҳои аудиоӣ ва видеоӣ ва таҳияи маводи таълимии махсус асоснок карда мешавад. Хулоса мешавад, ки мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ на танҳо воситаи ҳифзи мероси таърихӣ, балки муҳити фаъоли ташаккули ҳувияти фарҳангӣ, рушди маҳорати касбӣ ва идомаи эҷодии мусиқии суннатии тоҷик мебошанд.*

Калидвожаҳо: *мусиқии суннатии тоҷик, мактабҳои авлодӣ, мақомхонӣ, фалакхонӣ, Шашмақом, Фалак, устод-шогирд, анъанаҳои иҷрокунандагӣ, мероси фарҳангии гайримоддӣ, таълими мусиқӣ.*

ИЗ ПОКОЛЕНИЯ В ПОКОЛЕНИЕ: МИССИЯ РОДОВЫХ ШКОЛ МАКОМНОГО ИСКУССТВА И ИСПОЛНИТЕЛЬСТВА ФАЛАКА В СОХРАНЕНИИ И РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОЙ ТРАДИЦИОННОЙ МУЗЫКИ

Лутфулло Шарифзода
кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры языков и гуманитарных наук Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. Республика Таджикистан, г. Душанбе

Аннотация. *Настоящая статья посвящена исследованию роли и миссии наследственных школ исполнения макома и фалака в сохранении, передаче и развитии таджикской традиционной музыки. В центре внимания находится преемственность исполнительских традиций посредством системы «устод-шогирд» (наставник-ученик), особенности передачи музыкальных знаний в среде родовых исполнительских традиций и их значение для сохранения стилистической идентичности национальных музыкальных школ. В статье рассматриваются педагогическая и культурная сущность системы «устод–шогирд», а также её отличия от общих форм передачи информации и теоретического обучения. Опираясь на материалы республиканского научно-практического семинара, состоявшегося 29 сентября 2026 года в Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова, автор анализирует вклад представителей наследственных школ исполнения макома и фалака в сохранение исполнительского опыта и воспитание нового поколения музыкантов. Особое внимание уделяется стилистическим особенностям, методам освоения вокального мастерства, роли музыкальной памяти и живого опыта наставников, а также взаимодействию традиционных школ с учреждениями профессионального музыкального образования. По результатам анализа обосновывается необходимость научной документации опыта исполнителей, аудио- и видеозаписи уникальных образцов исполнения, создания аудио- и видеоархивов и разработки специализированных учебных материалов. Делается вывод о том, что наследственных школы исполнения макома и фалака являются не только средством сохранения исторического наследия, но и активной средой формирования культурной идентичности, развития профессионального мастерства и творческой преемственности таджикской традиционной музыки.*

Ключевые слова: *таджикская традиционная музыка, родовые школы, исполнение макомов, исполнение фалака, Шашмаком, Фалак, система «устод–шогирд», исполнительские традиции, нематериальное культурное наследие, музыкальное образование.*

FROM GENERATION TO GENERATION: THE ROLE OF HEREDITARY SCHOOLS OF MAQOM AND FALAK PERFORMANCE IN PRESERVING AND DEVELOPING TAJIK TRADITIONAL MUSIC

Lutfullo Sharifzoda
Candidate of Philological Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Languages and Humanities, Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Abstract. *This article examines the role and mission of hereditary schools of maqom and falak performance in preserving, transmitting, and developing Tajik traditional music. The study focuses on the continuity of performance traditions through the ustod–shogird (master–apprentice) system, the specific features of musical knowledge transmission within hereditary artistic communities, and their significance for preserving the stylistic identity of national musical schools. The article explores the pedagogical and cultural dimensions of the ustod–shogird system and distinguishes it from general forms of information transfer and theoretical instruction. Drawing on materials from the national scientific and practical seminar held on 29 September 2026 at the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov, the author analyzes the contribution of representatives of hereditary maqom and falak performance schools to preserving performance practices and educating a new generation of musicians. Particular attention is given to stylistic characteristics, methods of acquiring vocal skills, the role of musical memory and the living experience of masters, as well as the relationship between traditional schools and professional music education institutions. The analysis substantiates the need for systematic scholarly documentation of performers' experience, audio and video recording of rare performance examples, the establishment of audio and video archives, and the development of specialized educational materials. The article concludes that hereditary schools of maqom and falak performance serve not only as a means of preserving historical heritage but also as a dynamic environment for fostering cultural identity, developing professional musicianship, and ensuring the creative continuity of Tajik traditional music.*

Keywords: *Tajik traditional music, hereditary schools, maqom performance, falak performance, Shashmaqom, Falak, ustod–shogird system, performance traditions, intangible cultural heritage, music education.*

Мусиқии суннатии тоҷик ҳамчун яке аз муҳимтарин ҷузвҳои мероси фарҳанги миллӣ дар тули садсолаҳо тавассути низоми табиии интиқоли дониш ва таҷрибаи ҳунарӣ аз насл ба насл ҳифз гардидааст. Дар ин раванд мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ, инчунин мактаби «устод-шогирд» ҷойгоҳи хосса доранд. Ин мактабҳо на танҳо шаклҳои муайяни иҷрои мусиқиро нигоҳ медоранд, балки таҷрибаи таърихӣ, завқи эстетикӣ, ҷаҳонбинии ҳунарӣ ва вижагиҳои мусиқии миллии тоҷикиро ба наслҳои баъдӣ интиқол медиҳанд.

Аҳаммияти омӯзиши ин падида дар шароити муосир, пеш аз ҳама, бо зарурати ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ, тақвияти ҳувияти миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои идомаи табиии анъанаҳои мусиқӣ алоқаманд аст. Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Шашмақом соли 2008 ба Феҳристи намояндагии мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид гардидааст. Фалак низ соли 2021 ба ҳамин феҳрист шомил шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои ЮНЕСКО интиқоли анъанаи мусиқӣ аз устод ба шогирд ва дар муҳити оилавӣ яке аз омилҳои муҳимми идомаи ин мерос арзёбӣ мешавад [1; 2].

Дар таҳқиқ ва таҷрибаи муосири санъати мусиқии тоҷик масъалаи истилоҳ, вожа ва мафҳумҳои марбут ба анъанаҳои иҷрокунандагӣ ва таълимии мусиқии суннатӣ ҳамоно аз мавзуъҳои баҳсталаб ба шумор меравад. Хусусан, мафҳуми «устод-шогирд», ки дар таърихи ташаккул ва интиқоли донишҳои мусиқии миллӣ ҷойгоҳи меҳварӣ дорад, ниёз ба шарҳи дақиқи илмӣ ва муайян намудани моҳияти воқеии он дорад. Мусиқишиноси маъруф, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Фароғат Азизӣ зимни баррасии ин масъала таъкид менамояд: «...аслан, анъанаи устод-шогирд як ниҳоди омӯзишӣ аст, дар ин маврид ҳеҷ шакку шубҳае надорад. Аммо ин бештар як низоми таълим – «тадрис» (аз вожаи арабии «дарс») аст, на танҳо маълумот». Ба андешаи муҳаққиқ, мафҳуми «таълим» дар ин маврид нисбат ба мафҳуми умумии «маълумот» дақиқтар буда, ба маънои «дарс додан» ва «омӯзонидани» чизе ба таври муайян фаҳмида мешавад [3]. Аз ин нуктаи назар, низоми «устод-шогирд» на танҳо роҳи интиқоли маълумоти мусиқӣ, балки низоми махсуси омӯзиш, парвариш ва аз худ намудани малакаҳои касбии иҷрокунандагӣ мебошад.

Ин дидгоҳ барои дарки моҳияти мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ аҳаммияти хос дорад. Зеро дар чунин мактабҳо дониш ва таҷрибаи амалии мусиқӣ танҳо ба шакли иттилооти назариявӣ интиқол намеёбад, балки тавассути омӯзиши бевосита, мушоҳида, тақлид, машқи пайваста ва иртиботи устод бо шогирд аз як насл ба насли дигар мегузарад. Аз ин ҷиҳат, мактаби авлодии ҳунарӣ муҳити зиндаи ҳифзи хотираи мусиқӣ, услуби иҷро, завқи эстетикӣ ва арзишҳои ҳунарӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин масъала – ҷойгоҳи низоми «устод-шогирд» ва нақши мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ дар ҳифзу рушди мероси мусиқии тоҷик – дар меҳвари семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ қарор гирифт, ки 29 сентябри соли 2026 дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар мавзуи ***«Вазъи мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқ, ҳифз ва рушди анъанаҳои иҷрокунандагӣ»*** баргузор гардид.

Семинар бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии «устод-шогирд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2024-2028» барпо гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳимми мусиқишиносии муосири тоҷик – омӯзиш ва ҳифзи мактабҳои авлодии ҳунарӣ – бахшида шуд.

Аҳаммияти асосии чунин ҳамоиш дар он ифода меёбад, ки мактабҳои авлодии мусиқӣ падидаи танҳо таърихӣ набуда, балки қисми зиндаи фарҳанги миллӣ мебошанд. Таҷрибаи устодон, тарзи овозхонӣ, услуби оҳангсозӣ ва иҷрои асарҳо, хусусиятҳои маҳаллии иҷро, усули интиқоли дониш ба шогирдон ва муносибати байни устоду шогирд маҷмуи донишҳои нодиреро ташкил медиҳанд, ки на ҳамеша тавассути сарчашмаҳои хаттӣ, тавассути хатти мусиқӣ ба таври комил сабт мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи зиндаи намояндагони мактабҳои авлодӣ яке аз вазифаҳои муҳимми мусиқишиносии муосир маҳсуб меёбад.

Дар оғози семинар муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Бобозода Фаридун Толиб оид ба аҳаммияти ҳифз ва рушди анъанаҳои мусиқии миллӣ ва нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар идомаи суннатҳои ҳунарии тоҷик андешаҳояшро баён намуд. Ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, номзади илмҳои санъатшиносӣ Давлатзода Баҳодур Давлат низ масъалаҳои фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва фарҳангии муассиса ва зарурати таҳқиқи мероси мусиқии суннатиро таъкид кард.

Бахши илмии семинар бо маърузаҳои илмӣ идома ёфт. Номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Султоналӣ Худойбердиев дар мавзуи «***Анъанаҳои устод-шогирд дар мактабҳои авлодӣ ва падидаи он дар рушди мусиқии суннатии тоҷик»*** масъалаи ҷойгоҳи низоми «устод-шогирд»-ро дар интиқоли дониш, малака ва таҷрибаи иҷрокунандагӣ аз як насл ба насли дигар мавриди таҳлил қарор дод. Ин низом дар фарҳанги мусиқии тоҷик танҳо усули таълим набуда, балки механизми муҳимми ҳифзи ҳувияти услубӣ ва идомаи пайвандии таърихии мактабҳои ҳунарӣ мебошад.

Дар ин замина, мактабҳои авлодиро метавон ҳамчун муҳити махсуси ташаккули ҳунармандӣ арзёбӣ намуд. Дар чунин муҳит шогирд на танҳо матни асар ё тарзи иҷрои онро меомӯзад, балки тавассути мушоҳида ва таҷрибаи мустақим нозукиҳои овозхонӣ, тарзи баёни мусиқӣ, муносибат ба матни шеърӣ ва дигар унсурҳои услубиро аз худ мекунад. Аз ин ҷиҳат, таҷрибаи авлодии ҳунарӣ яке аз шаклҳои муассири нигоҳдории мероси ғайримоддии мусиқӣ ба шумор меравад.

Масъалаи идомаи анъанаи Фалак дар шароити муосир дар маърузаи декани факултети мусиқии суннатии тоҷик Манучеҳр Бурҳонов ***«Саҳми мактабҳои авлодӣ дар ҳифз ва рушди падидаи Фалак ва насли фалакхонони давраи Истиқлоли давлатӣ»*** баррасӣ гардид. Дар он нақши мактабҳои авлодии фалакхонӣ дар тарбияи насли нави ҳунармандон ва таҳаввули

анъанаҳои фалакхонӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифт.

Фалак ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми мусиқии суннатии тоҷик дорои хусусиятҳои хоси мусиқӣ, услубӣ ва иҷрокунандагӣ мебошад. Идомаи он дар замони муосир аз як тараф ба ҳифзи шаклу услубҳои суннатӣ ва аз ҷониби дигар ба мутобиқшавии он ба талаботи нави саҳнавӣ ва таълимӣ вобаста аст. ЮНЕСКО Фалакро соли 2021 ба Феҳристи намояндагии мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид намуда, таъкид кардааст, ки анъанаи мазкур дар оилаҳо ва тавассути низомҳои таълими расмӣ аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад [2]. Ин ҳолат аҳаммияти мактабҳои авлодиро дар ҳифзи анъанаи фалакхонӣ тасдиқ менамояд. Аз ин рӯ, вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар он аст, ки дар раванди омӯзиш ҳам моҳияти суннатӣ ва ҳам имкониятҳои рушди эҷодии ин жанр ба назар гирифта шавад.

Ҷанбаи муҳимми семинарро бахши музокира ташкил дод, ки дар он намояндагони бевоситаи мактабҳои авлодии ҳунарӣ иштирок намуданд. Ҳофизи халқии Тоҷикистон, профессор Файзалӣ Ҳасан таҷрибаи бисёрсолаи худро дар соҳаи фалакхонӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ баён намуда, аҳаммияти тарбияи насли ҷавони фалакхононро таъкид кард. Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҷӯрабек Набиев бошад, таҷрибаи чандинсолаи худро дар соҳаи Шашмақом ва фаъолияти эҷодиву омӯзишӣ баён намуд. Намояндаи мактаби авлодии фалакхонии Лутфишоевҳо Қодир Лутфишоев низ масъалаҳои идомаи суннати фалакхонӣ ва таҷрибаи ин мактаби ҳунариро муаррифӣ кард.

Иштироки чунин устодон дар муҳокимаҳо аҳаммияти махсус дорад, зеро омӯзиши мероси мусиқӣ танҳо тавассути таҳлили асарҳо ё сарчашмаҳои хаттӣ маҳдуд шуда наметавонад. Хотираи ҳунарӣ, таҷрибаи иҷрокунандагӣ, усули таълим ва муносибати устод ба шогирд аз ҷумлаи сарчашмаҳои зиндаи таҳқиқ мебошанд. Сабти илмии ин таҷрибаҳо метавонад барои таҳияи корҳои илмӣ, маҷмуаҳои мусиқӣ, маводи таълимӣ ва бойгонии аудиоӣ заминаи муҳим фароҳам оварад.

Доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Фароғат Азизӣ дар музокира зарурати таҳқиқи амиқи таърихи ташаккул, вижагиҳои мусиқӣ ва хусусиятҳои иҷрокунандагии ҳар як мактаби ҳунариро таъкид намуд. Ба андешаи ӯ, ҷамъоварӣ ва омӯзиши мероси устодони гузашта, сабти намунаҳои нодири иҷроӣ ва ташкили заминаи ягонаи илмӣ барои нигоҳдории ин мерос аз самтҳои муҳимми фаъолияти минбаъдаи муҳаққиқон мебошанд.

Аз нуқтаи назари методологӣ, чунин пешниҳодҳо аҳаммияти хос доранд. Зеро барои таҳқиқи воқеии мактабҳои авлодии мусиқӣ бояд муносибати байнисоҳавӣ ба роҳ монда шавад: мусиқишиносӣ, таърих, мардумшиносӣ, педагогика ва технологияҳои муосири сабту ҳифзи мероси фарҳангӣ метавонанд дар як низоми ягона ба ҳам пайванд ёбанд. Танҳо

дар чунин сурат имкони таҳияи тасвири мукаммали таърих ва вазъи имрӯзаи мактабҳои мақомхонӣ ва фалакхонӣ фароҳам меояд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар таҳкими робитаи мактабҳои авлодии ҳунарӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбии мусиқӣ мебошад. Консерваторияи миллӣ ҳамчун муассисаи олии таълимӣ ва илмӣ метавонад дар ин раванд нақши пайванддиҳандаро иҷро намояд: таҷрибаи устодони соҳибмактаб бояд ба раванди таълим ворид гардида, барои шогирдони ҷавон имкони омӯзиши мустақими услуб ва усули иҷро аз устодони соҳибтаҷриба бештар фароҳам оварда шавад.

Идомаи мантиқии бахши илмии семинар дар барномаи консертии намояндагони мактабҳои авлодии фалакхонӣ ва мақомхонӣ таҷассум ёфт. Барномаи вижаи консертӣ нимаи дувуми рӯз дар толори калони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов баргузор гардида, дар он намояндагони се мактаби маъруфи ҳунарӣ – мактаби авлодии фалакхонии устод Файзалӣ Ҳасан (*ҳунармандон*: устод ***Файзалӣ Ҳасан*** бо ***Сулаймони Файзалӣ*** *ва* ***Ҷовидони Ҳасанзод***), мактаби авлодии мақомхонии устод Ҷӯрабек Набиев (*ҳунармандон*: устод ***Ҷӯрабек Набиев*** *бо* ***Шавкат Набиев*** *ва* ***Шуҳрат Набиев***) ва мактаби авлодии фалакхонии Давлатшо Лутфишоев (*ҳунармандон*: ***Қодир Лутфишоев, Фурқат Алибеков, Зокир Акрамшоев, Боронӣ Бороние***в) – ҳунарнамоӣ намуданд. Дар иҷрои онҳо намунаҳое аз эҷодиёти устодон, асарҳои фалакӣ ва намунаҳои Шашмақом пешкаши ҳозирин гардиданд. Ҳунарнамоии се мактаби авлодии ҳунарӣ аз минтақаҳои таърихии Кӯлоб, Хуҷанд ва Бадахшон, дар маҷмуъ, гуногунрангии жанрӣ ва услубии мусиқии суннатии тоҷикро бозтоб намуда, имкониятҳои васеи ифодаи мусиқӣ-бадеии Фалак ва Шашмақомро дар шаклҳои гуногуни иҷроӣ муаррифӣ кард. Дар ҳамбастагии ин ду падидаи бузурги мусиқии тоҷик – Фалак бо ҷаҳонбинӣ, руҳия ва хусусиятҳои хоси жанрии худ ва Шашмақом бо низоми мукаммали мақомӣ ва шаклу навъҳои гуногуни овозию созӣ – ғановат, рангорангии жанрӣ ва хусусиятҳои услубии мусиқии суннатии тоҷик ба таври возеҳ таҷассум ёфт.

Барномаи консертӣ аз нигоҳи илмӣ низ аҳаммияти муҳим дошта, имконият фароҳам овард, ки масъалаҳои дар бахши назариявии семинар баррасишуда дар шакли иҷрои зиндаи мактабҳои авлодии ҳунарӣ мушоҳида ва дарк карда шаванд. Зеро омӯзиши мактабҳои авлодии ҳунарӣ танҳо бо таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва назариявӣ маҳдуд намешавад ва омӯзиши услуби овозхонӣ, вижагиҳои иҷроӣ, муносибати устод ва шогирд ва роҳҳои интиқоли таҷриба дар муҳити воқеии ҳунарӣ аҳаммияти хос дорад. Дар анҷоми барномаи консертӣ ба Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҷӯрабек Набиев барои саҳми арзанда дар рушди Шашмақом, тарбияи насли ҷавон ва ҳифзу идомаи анъанаҳои мусиқии суннатӣ унвони «Профессори фахрии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов» тақдим гардид. Ҳамчунин ба маърузачиён, устодон, ҳунармандон, намояндагони мактабҳои авлодии ҳунарӣ ва дигар

иштирокчиёни семинар барои иштироки фаъол сертификатҳо тақдим шуданд. Ҳамин тариқ, барномаи консертӣ ҳамчун бахши амалии семинар робитаи ногусастании илм, таълим ва таҷрибаи зиндаи ҳунариро бозгӯ намуда, нақши мактабҳои авлодиро дар ҳифз ва идомаи мероси мусиқии суннатии тоҷик бори дигар хотирнишон кард.

Ҳамин тавр, семинари илмӣ-амалӣ нишон дод, ки масъалаи мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ аз доираи як мавзуи маҳдуди мусиқишиносӣ берун буда, ба масъалаҳои ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ, идомаи ҳувияти миллӣ ва рушди низоми муосири таълими мусиқӣ иртиботи мустақим дорад. Ҳифзи ин мактабҳо танҳо маънои нигоҳ доштани намунаҳои гузаштаву суннатҳои куҳанро надорад; он пеш аз ҳама фароҳам овардани шароит барои идомаи табиии анъана дар муҳити нави иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Дар ин замина, вазифаи муҳаққиқон, муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ аз омӯзиши ҳамаҷонибаи мактабҳои авлодӣ, ҳуҷҷатгузории таҷрибаи устодон, сабти намунаҳои нодири иҷрокунандагӣ, таҳияи маводи илмӣ ва таълимӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории мунтазам миёни илм ва таҷрибаи саҳнавӣ иборат аст. Ҳамзамон, ҷалби ҷавонон ба ин раванд шарти муҳимми идомаи суннат ба ҳисоб меравад.

Баргузории семинари мазкур бори дигар собит намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи мусиқии суннатӣ танҳо тавассути нигоҳдории шаклҳои мавҷуда имконпазир нест. Барои зинда нигоҳ доштани мерос бояд онро омӯхт, ҳифз кард, ба низоми таълим ворид намуд ва барои интиқоли таҷрибаи устод ба насли нав шароити мусоид фароҳам овард. Мактабҳои авлодии мақомхонӣ ва фалакхонӣ дар ин раванд на танҳо ҳамчун мероси гузашта, балки ҳамчун падидаи зинда ва дорои имкониятҳои рушди минбаъдаи фарҳанги мусиқии тоҷик арзиши муҳим доранд.

Аз ин рӯ, семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистонро метавон як қадами муҳим дар самти густариши муколама миёни илм, таълим ва таҷрибаи иҷрокунандагӣ арзёбӣ намуд. Идомаи чунин ҳамоишҳо, таҳкими робитаи муассисаҳои илмию таълимӣ бо устодони мактабҳои авлодии ҳунарӣ ва татбиқи пешниҳодҳои илмии баёнгардида метавонанд барои ҳифзи устувор ва рушди минбаъдаи анъанаҳои мақомхонӣ ва фалакхонӣ заминаи муассир фароҳам оваранд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. UNESCO. Shashmaqom Music. Representative List of the Intangible Cultural Heritage of Humanity. 2008. URL: https://ich.unesco.org/en/RL/shashmaqom-music-00089 (санаи мурочиат: 05.10.2026).
2. UNESCO. Falak. Representative List of the Intangible Cultural Heritage of Humanity. 2021. URL: https://ich.unesco.org/en/RL/falak-01725 (санаи мурочиат: 05.10.2026).

3. Азизи Ф. А. К вопросу о логике макомной композиции // Проблемы музыкальной науки. 2019. № 2. С. 63–75. DOI: https://doi.org/10.17674/1997-0854.2019.2.063-075 .
4. UNESCO. Convention for the Safeguarding of the Intangible Cultural Heritage. Paris, 2003. URL: https://ich.unesco.org/en/convention (санаи мурочиат: 05.10.2026).
5. UNESCO. Safeguarding Shashmaqom, the Classical Music of Central Asia. Intangible Cultural Heritage. URL: https://ich.unesco.org/en/projects /safeguarding-shashmaqom-the-classical-music-of-central-asia-00017 (санаи мурочиат: 05.10.2026).
6. UNESCO. Decision of the Intergovernmental Committee: 16.COM 8.B.41. 2021. URL: https://ich.unesco.org/en/decisions/16.COM/8.B.41 (санаи мурочиат: 05.10.2026).
7. UNESCO. Decision of the Intergovernmental Committee: 12.COM 11.b.32. 2017. URL: https://ich.unesco.org/en/Decisions/12.com/11.b.32 (санаи мурочиат: 05.10.2026).
8. UNESCO. Preservation and Safeguarding of Cultural Heritage in Bukhara. 2023. URL: https://www.unesco.org/en/articles/preservation-and-safeguarding-cultural-heritage-bukhara (санаи мурочиат: 05.10.2026).
9. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи давлатии рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии «устод-шогирд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024–2028. Душанбе, 2024 https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=146556.

Дар бораи муаллиф: Шарифзода Лутфулло Абдулло – номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забонҳои Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. **Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода-155; **E-mail:** sharifzodal@mail.ru**; Тел.:** +992-98-586-86-46 .

Об авторе: Шарифзода Лутфулло Абдулло – кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры языков Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Ш. Хусейнзода-155; **Электронная почта:** sharifzodal@mail.ru; Телефон: +992-98-586-86-46.

About the author: Sharifzoda Lutfullo Abdullo – Candidate of Philological sciences, Acting Associate Professor of the Department of Languages and Humanities of the Tajik National Conservatory named after Talabhuja Sattorov. **Address:** 155 Sh. Huseyzoda Street, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +992-98-586-86-46; **E-mail:** sharifzodal@mail.ru.

ТДУ: 78.072(575.3)

АНЪАНАИ «УСТОД-ШОГИРД» ДАР НИЗОМИ ОМӮЗИШИ «ШАШМАҚОМ»: ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ИҶРОКУНАНДАГӢ ВА ПЕДАГОГИИ БОЙМУҲАММАД НИЁЗОВ

Мастона Эргашева
и.в. профессори кафедраи сарояндагии анъанавии
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Аннотатсия. *Дар мақола масъалаи анъанаи устод-шогирд дар ташаккул ва идомаи мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом»-и тоҷик дар нимаи дуюми асри XX баррасӣ мешавад. Ҳадафи асосии таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои методикаи омӯзгории Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов ва нақши ӯ дар ташаккули маҳорати касбии сарояндагони мақом мебошад. Манбаи асосии таҳқиқ хотироти муаллиф ҳамчун шогирди бевоситаи Боймуҳаммад Ниёзов буда, дар баробари он аз адабиёти мусиқишиносӣ, маводи иттилоотӣ оид ба таърихи ансамбли «Шашмақом» ва маълумоти марбут ба сабтҳои фонди Радиои Тоҷикистон истифода шудааст.*

Дар мақола усулҳои омӯзиши шифоҳӣ, такрори пайваста, азхудкунии матн ва оҳанг, ташаккули малакаҳои нафасгирӣ ва талаффуз, муносибати маъноии сароянда ба матни шеърӣ, инчунин ҳамкории вокал ва соз мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муайян гардид, ки фаъолияти омӯзгории Б. Ниёзов дар шароити ансамбли касбӣ шакли мутобиқшудаи анъанаи суннатии устод-шогирд буда, таълими инфиродӣ бо машқҳои дастҷамъона, фаъолияти саҳнавӣ ва сабти садоӣ пайваст мегардид.

Мақола ҳамчунин аҳаммияти сабтҳои Радиои Тоҷикистонро ҳамчун манбаи мусиқишиносӣ ва воситаи ҳифзи хотираи иҷрокунандагии «Шашмақом» баррасӣ мекунад. Дар натиҷа собит мегардад, ки мактаби устод-шогирд дар нимаи дуюми асри XX, бо вуҷуди тағйироти институтсионалии ҳаёти фарҳангӣ, ҳамчун механизми муҳими интиқоли дониш, услуб ва арзишҳои эстетикии «Шашмақом» боқӣ мондааст.

Калидвожаҳо: *«Шашмақом», устод-шогирд, Боймуҳаммад Ниёзов, Мастона Эргашева, мақомхонӣ, мактаби иҷрокунандагӣ, ансамбли «Шашмақом», таълими шифоҳӣ, сабти садоӣ, Радиои Тоҷикистон, мусиқии классикии тоҷик.*

ТРАДИЦИЯ «УСТОД-ШОГИРД» В СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ «ШАШМАКОМУ»: АНАЛИЗ ИСПОЛНИТЕЛЬСКОГО И ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА БОЙМУХАММАДА НИЁЗОВА

Мастона Эргашева
и.о. профессора кафедры традиционного пения Таджкской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. Республика Таджикистан, г. Душанбе

В статье рассматривается проблема традиции «учитель – ученик» в формировании и преемственности таджикской исполнительской школы Шашмакома во второй половине XX века. Основной целью исследования является выявление особенностей педагогической методики Народного артиста Таджикистана Боймухаммада Ниёзова и определение ее роли в формировании профессионального мастерства исполнителей макома. Основным источником исследования являются устные воспоминания Народной артистки Таджикистана Мастоны Эргашевой, непосредственно обучавшейся у Боймухаммада Ниёзова. Наряду с этим использованы музыковедческая литература, информационные материалы по истории ансамбля «Шашмакома», а также сведения, связанные с аудиозаписями из фонда Радио Таджикистана.

В статье анализируются методы устного обучения, систематического повторения, освоения поэтического текста и мелодии, формирования навыков дыхания и дикции, смыслового отношения исполнителя к поэтическому тексту, а также особенности взаимодействия вокалиста и инструменталистов. Установлено, что педагогическая деятельность Б. Ниёзова в условиях профессионального ансамбля представляла собой адаптированную форму традиционной системы «учитель – ученик», в рамках которой индивидуальное обучение сочеталось с коллективными репетициями, сценической практикой и звукозаписью.

Особое внимание уделяется значению аудиозаписей Радио Таджикистана как музыковедческого источника и средства сохранения исполнительской памяти «Шашмакома». Результаты исследования свидетельствуют о том, что во второй половине XX века школа «учитель – ученик», несмотря на происходившие институциональные изменения в культурной сфере, продолжала функционировать как важнейший механизм передачи знаний, исполнительского стиля и эстетических ценностей «Шашмакома».

Ключевые слова: *«Шашмаком», учитель и ученик, Боймуҳаммад Ниёзов, Мастона Эргашева, макомное исполнительство, исполнительская школа, ансамбль «Шашмаком», устное обучение, звукозапись, Радио Таджикистана, таджикская классическая музыка.*

THE «USTOD-SHOGIRD» TRADITION IN THE «SHASHMAQOM» TRAINING SYSTEM: AN ANALYSIS OF BOYMUKHAMMAD NIYOZOV'S PERFORMANCE AND PEDAGOGICAL EXPERIENCE

Mastona Ergasheva
Acting Professor at the Department of Traditional Singing, the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. Republic of Tajikistan, Dushanbe

This article examines the master-disciple tradition in the formation and continuity of the Tajik «Shashmaqom» performance school during the second half of the twentieth century. The primary aim of the study is to identify the specific features of the pedagogical methodology of Boymuhammad Niyozov, People's Artist of Tajikistan, and to determine its role in developing the professional skills of Shashmaqom performers. The principal source of the study consists of the oral recollections of Mastona Ergasheva, People's Artist of Tajikistan and a direct disciple of Boymuhammad Niyozov. The study also draws upon musicological literature, informational materials concerning the history of the Shashmaqom ensemble, and materials related to audio recordings preserved in the archives of Tajikistan Radio.

The article analyzes the methods of oral instruction and systematic repetition, the acquisition of poetic texts and melodies, the development of breathing and diction skills, the performer's semantic engagement with the poetic text, and the interaction between vocalists and instrumentalists. The study demonstrates that Niyozov's pedagogical practice within a professional ensemble represented an adapted form of the traditional master–disciple system, in which individual instruction was combined with collective rehearsals, stage practice, and sound recording.

Particular attention is given to the significance of Tajikistan Radio recordings as musicological sources and as a means of preserving the performance memory of Shashmaqom. The findings demonstrate that, despite the institutional transformations that took place in the cultural sphere during the second half of the twentieth century, the master–disciple tradition continued to function as an important mechanism for transmitting knowledge, performance styles, and the aesthetic values of Shashmaqom.

Keywords: *«Shashmaqom», master and disciple, Boymuhammad Niyozov, Mastona Ergasheva, maqom performance, performance school, «Shashmaqom» ensemble, oral instruction, sound recording, Tajikistan Radio, Tajik classical music.*

ПЕШГУФТОР

«Шашмақом» яке аз падидаҳои барҷастаи мусиқии классикии тоҷик буда, дар тули асрҳо тавассути муносибати зиндаи устод ва шогирд ҳифз ва интиқол ёфтааст. Системаи шашгонаи мақомҳо – «Бузург», «Рост», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ироқ» – дорои сохтори мураккаби созӣ ва овозӣ буда,

аз иҷрокунанда на танҳо маҳорати техникии баланд, балки дарки амиқи хусусиятҳои ладӣ, усулӣ, мелодӣ ва шеъриро талаб менамояд [1; с. 2].

Хусусияти асосии анъанаи суннатии мақом дар он аст ки қисми зиёди донишҳои иҷрокунандагӣ дар шакли шифоҳӣ аз насл ба насл мегузаранд. Ин донишҳо танҳо ба матни нота ё шеър маҳдуд намешаванд. Тарзи талаффуз, ҷойи нафас, ороиши овоз, хусусияти оҳанг (интонатсия), муносибати сароянда ба матн, тарзи воридшавӣ ба оҳанг ва муносибат бо мутрибон аз ҷумлаи унсурҳое мебошанд, ки дар раванди иҷрои зинда ва мушоҳидаи устод азхуд карда мешаванд.

Дар асри XX раванди интиқоли мероси «Шашмақом» ба шароити нави иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид шуд. Ташкили ансамблҳои касбӣ, фаъолияти радио ва телевизион, сабтҳои наворӣ (магнитофонӣ), рушди таълими мусиқии касбӣ ва ба низоми муассисавӣ даромадани омӯзиши мақом барои ҳифзи ин мерос имкониятҳои нав фароҳам оварданд. Аз ҷумла, соли 1964 дар назди Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон ансамбли «Шашмақом» таъсис ёфт ва дар рушди минбаъдаи санъати мақомсароӣ нақши муҳим бозид [3].

Дар баробари ин, муассисавӣ шудани таълими мусиқӣ маънои аз байн рафтани анъанаи устод-шогирдро надошт. Баръакс, анъанаи суннатӣ дар дохили коллективҳои касбӣ шакли нав гирифт. Устод ҳамзамон омӯзгори инфиродӣ, роҳнамои эҷодӣ ва интиқолдиҳандаи услуби муайяни иҷрокунандагӣ гардид.

Дар ҳамин замина фаъолияти Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов аҳаммияти махсус дорад. Маълумоти мусиқишиносӣ нишон медиҳад, ки Б. Ниёзов дар қатори дигар устодони маъруфи ансамбл дар рушди мактаби иҷрокунандагии мақом ва сабти «Шашмақом» саҳм гузоштааст [4].

Мақсади таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои методикаи омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзов ва нишон додани нақши анъанаи устод-шогирд дар нигоҳдорӣ ва рушди мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом» мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани хусусиятҳои мактаби устод-шогирд дар таҷрибаи Б. Ниёзов;
- таҳлили муносибати таълими инфиродӣ ва фаъолияти ансамблӣ;
- баррасии нақши сабтҳои радио дар ҳифзи мероси иҷрокунандагӣ;
- таҳлили аҳаммияти муҳити касбии ансамбл дар ташаккули сароянда;
- муайян намудани арзиши хотираҳои М. Эргашева ҳамчун сарчашмаи таърихи иҷрокунандагии «Шашмақом».

Ансамбли «Шашмақом» ҳамчун муҳити касбии иҷрокунандагӣ. Соли 1978 банда фаъолияти эҷодии худро дар ансамбли «Шашмақом»-и Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон (ҳоло Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) оғоз намудам. Ин давра

барои ташаккули маҳорати касбиии ман аҳаммияти махсус дошт, зеро фаъолияти ансамбл на танҳо ба иҷрои барномаи консертӣ, балки ба омӯзиши мунтазам ва такмили маҳорати сарояндагон низ равона аст.

Дар ёд дорам, ки ҳайати ансамбл тақрибан аз 45 нафар иборат буда, фаъолияти он тибқи низоми муайяни машқу омӯзиш сурат мегирифт. Машқҳои дастҷамъона яке аз қисматҳои асосии ин раванд буданд. Дар онҳо сарояндагон бахшҳои гуногуни мақомро якҷоя иҷро намуда, ҳамоҳангии овозҳо, сохтори ансамблӣ ва хусусиятҳои иҷрокунандагии асарро такмил медоданд.

Дар чунин муҳит мақом на ҳамчун маҷмуаи алоҳидаи оҳангҳо, балки ҳамчун низоми ягонаи мусиқӣ азхуд карда мешуд. Сароянда бояд на танҳо қисми ба ӯ вобастаро дуруст иҷро мекард, балки муносибати овозии худро бо дигар сарояндагон ва мутрибон низ эҳсос менамуд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти ансамбл як навъи мактаби касбии иҷрокунандагӣ буд, ки дар он таҷрибаи инфиродӣ ва маҳорати ансамблӣ ба ҳам мепайвастанд.

Нақши мутрибон низ дар ин раванд муҳим буд. Ҳамоҳангии сарояндагон бо созандагон барои дуруст дарк намудани сохтори оҳангӣ, вазн, усул ва ҳаракати мелодии мақом замина фароҳам меовард. Ҳамин тариқ, омӯзиши «Шашмақом» дар ансамбл хусусияти бисёрҷанба дошт ва сароянда дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯза ҳамзамон ҳамчун шогирд ва иҷрокунандаи касбӣ ташаккул меёфт.

Боймуҳаммад Ниёзов ҳамчун устоди мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом». Дар низоми мазкур фаъолияти омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзов мавқеи муҳим дошт. Таҷрибаи ӯ ба сарояндагони ҷавон имкон медод, ки нозукиҳои иҷрокунандагии «Шашмақом»-ро на танҳо аз рӯи матн ё сабти садоӣ, балки тавассути мушоҳида ва такрори иҷрои зиндаи устод азхуд намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми анъанаи устод-шогирд дар мақомхонӣ маҳз ҳамин интиқоли таҷрибаи ғайрирасмӣ ва нонавишта мебошад. Устод дар раванди таълим ба шогирд тарзи дурусти воридшавӣ ба оҳанг, нафасгирӣ, талаффуз, истифодаи имкониятҳои овоз, ороишҳои вокалӣ ва муносибати маъноӣ ба матни шеъриро нишон медиҳад. Қисми зиёди чунин донишҳо дар шакли қоидаҳои хаттӣ ифода намеёбанд ва танҳо дар ҷараёни иҷрои зинда азхуд карда мешаванд.

Ёд дорам, ки баъди машқҳои дастҷамъона бо ҳар як сароянда машғулияти инфиродӣ гузаронида мешуд. Ин шакли таълим имконият медод, ки устод ба хусусиятҳои овозӣ ва сатҳи омодагии ҳар як шогирд таваҷҷуҳи ҷудогона зоҳир намояд.

Машғулияти инфиродӣ дар чунин низом танҳо такрори маводи ансамблӣ набуд. Он барои ислоҳи камбудиҳои иҷрокунандагӣ, таҳкими малакаҳои вокалӣ ва ташаккули услуби шахсии сароянда хизмат мекард. Дар ин ҷо муносибати «устод-шогирд» ба шакли муносибати мустақими эҷодӣ табдил меёфт.

Хусусияти шифоҳии таълими мақом. Яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом» муносибати байни сабти садоӣ ва интиқоли зиндаи таҷриба мебошад. Дар нимаи дуюми асри XX фонди радиои Тоҷикистон дорои аҳаммияти бузурги фарҳангӣ гардид. Сабти иҷрои устодони мақом имконият медод, ки намунаҳои муҳимми мусиқии классикӣ ҳифз ва барои наслҳои баъдӣ дастрас гарданд.

Бо вуҷуди ин, сабт наметавонист тамоми ҷузъиёти муносибати устод ва шогирдро иваз намояд. Дар иҷрои зинда устод метавонад вобаста ба имкониятҳои овозии шогирд тарзи хондан, ҷойи нафасгирӣ, ороиши овозӣ ё хусусияти талаффузро тағйир диҳад ва фавран хатои иҷрокунандаро ислоҳ кунад. Аз ин рӯ, сабти садоӣ ва таълими шифоҳӣ дар таҷрибаи ансамблӣ якдигарро пурра мекарданд.

Дар ин замина радиову телевизион ҳамчун ниҳоди фарҳангӣ вазифаи дугона иҷро мекард: аз як тараф, барои паҳн намудани санъати Шашмақом ба доираи васеи шунавандагон хизмат менамуд; аз ҷониби дигар, фаъолияти сабтӣ барои ҳифзи намунаҳои иҷрокунандагии мактаби мақом аҳаммияти ҳуҷҷатӣ дошт.

Устод-шогирд ҳамчун механизми интиқоли мероси мусиқӣ. Анъанаи устод-шогирдро дар мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом» танҳо ҳамчун муносибати омӯзгор ва хонанда маънидод кардан кофӣ нест. Ин муносибат ҳамзамон механизми интиқоли хотираи фарҳангӣ, услуби иҷрокунандагӣ ва арзишҳои эстетикӣ мебошад.

Шогирд дар ҷараёни омӯзиш на танҳо асарҳои муайянро азхуд мекунад, балки меъёрҳои иҷрокунандагии мактабро низ қабул менамояд. Ӯ аз устод муносибати хос ба матни шеърӣ, эҳсоси мақом, тарзи баён, маданияти саҳнавӣ ва масъулияти иҷрокунандаро меомӯзад. Аз ин рӯ, натиҷаи таълим танҳо пайдо шудани як сарояндаи дорои маҳорати техникӣ нест; муҳимтар аз он, идомаи мактаби муайяни иҷрокунандагӣ мебошад.

Фаъолияти Боймуҳаммад Ниёзовро маҳз дар ҳамин замина метавон арзёбӣ кард. Ӯ таҷрибаи иҷрокунандагии худро ба шароити нави фаъолияти касбии ансамбл ворид намуда, барои идомаи анъанаи мақомхонии тоҷик дар муҳити муассисавӣ мусоидат кардааст.

Бояд таъкид кунам, ки анъанаи устод-шогирд дар ин давра хусусияти пайваста дошт: омӯзиш дар машғулиятҳои дастҷамъона идома меёфт, дар машқҳои инфиродӣ амиқтар мегардид ва дар саҳна тавассути иҷрои воқеӣ таҷассум меёфт. Ҳамин пайвастагӣ барои ташаккули сарояндаи касбӣ аҳаммияти асосӣ дошт.

Ансамбл, саҳна ва муаррифии «Шашмақом». Фаъолияти ансамбли «Шашмақом»-и Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон танҳо бо доираи дохилии муассиса маҳдуд намешуд. Иштироки ансамбл дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва симпозиумҳои байналмилалӣ имконият фароҳам

меовард, ки санъати мақомхонии тоҷик дар муҳити васеи фарҳангӣ муаррифӣ гардад.

Барои сароянда чунин баромадҳо идомаи табиии раванди омӯзиш ба ҳисоб мерафтанд. Агар машқҳои инфиродӣ маҳорати овозӣ ва иҷроиро ташаккул диҳанд, фаъолияти саҳнавӣ ба сароянда имконият медиҳад, ки ин дониш ва малакаҳоро дар шароити воқеии консертӣ татбиқ намояд.

Аз ин нуқтаи назар, ансамблро метавон ҳамчун низоми ягонае арзёбӣ кард, ки дар он се унсур–омӯзиш, иҷро ва ҳифзи мерос – бо ҳам алоқаманд буданд. Устод таҷрибаро интиқол медод, шогирд онро азхуд мекард, ансамбл барои такмили он муҳит фароҳам меовард ва радио тавассути сабт ва пахш имконияти ҳифзу паҳн намудани натиҷаи ин фаъолияти эҷодиро таъмин мекард.

Методикаи омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзов. Яке аз масъалаҳои калидии омӯзиши мероси иҷрокунандагии «Шашмақом» муайян намудани роҳу усулҳои интиқоли таҷрибаи касбӣ аз устод ба шогирд мебошад. Дар фаъолияти омӯзгории Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов усули омӯзиши мустақими шифоҳӣ ва такрори пайвастаи намунаи иҷрокунандагӣ мавқеи асосӣ доштааст.

Хусусияти муҳимми ин методика дар он зоҳир мешуд, ки шогирд асарро дар як марҳила аз худ намекард. Раванди омӯзиш тадриҷан сурат гирифта, аз шиносоӣ бо матни шеърӣ, азхудкунии оҳанг ва сохтори мусиқӣ оғоз меёфт ва баъдан ба такмили ҷузъиёти иҷрокунандагӣ мегузашт. Ба ин маъно, таълими мақом раванди танҳо азёдкунии матн ва оҳанг набуда, балки ташаккули низоми муайяни тафаккури иҷрокунандагӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ёд дорам, ки нахустин асаре, ки Боймуҳаммад Ниёзов ба банда омӯзондаанд, суруди «Нимчӯпонӣ» аз мақоми Сегоҳ бар ғазали Мирзо Абдулқодири Бедил буд. Пас аз омӯзиши матн, оҳанг ва хусусиятҳои иҷрокунандагӣ, асар бо ҳамроҳии мутрибон омода гардида, барои фонди Радиои Тоҷикистон сабт шуд. Ин мисол худ нишон медиҳад, ки дар таҷрибаи устод раванди омӯзиш бо иҷрои касбӣ ва ҳифзи сабтии натиҷаи он пайвастагии мустақим доштааст.

Баъдан устод пайдарпай асарҳои дигари мақомиро ба шогирдон меомӯзонданд. Аз ҷумла, «Ироқи Бухоро», «Насруллоӣ», «Наврӯзи Сабо» ва намунаҳои дигари классикӣ бо ашъори Васлӣ, Сайидо ва Ҳофизи Шерозӣ дар доираи ҳамин раванди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ҷанбаи муҳимми методикаи Боймуҳаммад Ниёзов дар он буд, ки ба шогирд на танҳо «чӣ хондан», балки «чӣ гуна хондан» омӯзонда мешуд. Ба нозукиҳои нафасгирӣ, талаффузи дурусти калимаҳо, ифодаи маънои шеър, муносибати калима ва оҳанг, хусусияти овоздиҳӣ, тарзи ҳамкорӣ бо мутрибон ва риояи услуби анъанавии мақом таваҷҷуҳи махсус дода мешуд.

Дар ин замина матни шеърӣ ҳамчун унсури чудонашавандаи иҷро баррасӣ мегардид. Дар «Шашмақом» муносибати сароянда ба калима ва маънои ғазал барои ташаккули образи мусиқӣ аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, аз шогирд талаб карда мешуд, ки мазмун ва хусусияти бадеии матнро дарк намуда, онро дар иҷрои вокалӣ инъикос намояд.

Унсури дигари муҳимми ин методика такрори пайваста буд. Асар борҳо иҷро ва ислоҳ карда мешуд ва танҳо баъди азхудкунии нисбатан пурраи он ба марҳилаи иҷрои саҳнавӣ ва сабт гузаштан имконпазир мегардид. Ҳамин усул масъулияти шогирдро нисбат ба асари омӯхташаванда баланд намуда, ба ташаккули малакаи устувори иҷрокунандагӣ мусоидат мекард.

Аз ин рӯ, методикаи омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзовро метавон ҳамчун низоми шунидан – такрор кардан – ислоҳ намудан – азхуд кардан – иҷро кардан тавсиф кард. Ин низом дар асл шакли муассисавишудаи анъанаи суннатии устод-шогирд мебошад.

Сабти осори мақом ва аҳаммияти он. Яке аз хусусиятҳои муҳими фаъолияти ансамбли «Шашмақом»-и Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон робитаи мустақими раванди омӯзиш бо фаъолияти сабтӣ буд. Сабти осори омӯхташуда ба фонди радио на танҳо натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, балки як марҳилаи муҳими ҳифзи мероси мусиқӣ ба ҳисоб мерафт.

Тибқи хотироти Мастона Эргашева, дар ин давра қариб панҷ мақом аз ҷониби сарояндагони ансамбл омӯхта ва сабт гардида буданд. Агар ин маълумот бо маводи бойгонии фонди Радиои Тоҷикистон муқоиса ва аз ҷиҳати ҳуҷҷатӣ тасдиқ карда шавад, он метавонад барои муайян намудани ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти сабтии ансамбл аҳаммияти махсус дошта бошад.

Сабтҳои фонди радио барои мусиқишиносӣ ҳамчун манбаи мустақими таҳқиқ арзиши хос доранд. Онҳо имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои воқеии иҷрокунандагии як давраи муайян таҳлил карда шаванд. Аз ҷумла, тавассути чунин сабтҳо метавон тарзи ороишҳои вокалӣ, хусусиятҳои интонатсионӣ, ритм, талаффузи матни шеърӣ, муносибати сароянда бо мутрибон ва дигар унсурҳои услуби иҷроиро омӯхт.

Аз ин нуқтаи назар, сабтҳои радио танҳо ҳуҷҷатҳои садоӣ нестанд. Онҳо як навъи бойгонии зиндаи мактаби иҷрокунандагӣ мебошанд. Агар матни мусиқӣ сохтори нисбатан устувори асарро нигоҳ дорад, сабти иҷрокунандагӣ имконият медиҳад, ки тарзи воқеии таҷассуми он дар давраи муайяни таърихӣ омӯхта шавад.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки сабти садоӣ наметавонад муносибати зиндаи устод ва шогирдро пурра иваз намояд. Қисми зиёди таҷрибаи иҷрокунандагӣ – аз ҷумла ислоҳи фаврии хатои сароянда, нишон додани тарзи нафасгирӣ, интихоби шакли мувофиқи ороиши овозӣ ва мутобиқсозии асар ба имконияти овозии иҷрокунанда – танҳо дар

раванди таълими мустақим интиқол меёбад. Аз ин рӯ, сабт ва таълими шифоҳӣ дар мактаби иҷрокунандагии «Шашмақом» на рақиби якдигар, балки ду шакли ба ҳам алоқаманди ҳифзи мерос мебошанд.

Симпозиумҳои байналмилалӣ ва муаррифии «Шашмақом». Фаъолияти ансамбли «Шашмақом» бо саҳнаи дохилии кишвар маҳдуд набуда, дар муаррифии санъати мусиқии тоҷик дар муҳити байналмилалӣ низ нақши муҳим доштааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки ҳайати ансамбл се маротиба дар Симпозиуми байналмилалии мусиқӣ дар шаҳри Самарқанд иштирок кардаанд. Ин иштирокҳо солҳои 1978, 1983 ва 1987 сурат гирифта, ансамбл ҳар се маротиба сазовори ҷойи аввал гардида буд.

Ба андешаи инҷониб, ин маълумот аз нуқтаи назари таърихи иҷрокунандагии «Шашмақом» ҷолиби диққат аст. Иштирок дар чунин ҳамоишҳо ба сарояндагон имкон медод, ки маҳорати худро дар муқоиса бо намояндагони мактабҳои дигари мусиқии суннатӣ нишон диҳанд. Ҳамзамон, чунин чорабиниҳо майдони муошират эҷодӣ ва табодули таҷриба низ буданд.

Бо вуҷуди ин, барои истифодаи ин маълумот дар мақолаи илмии тақризшаванда зарур аст, ки сана, номи дақиқи ҳамоиш, мақоми он ва натиҷаҳои зикршуда бо барномаҳо, протоколҳо, матбуоти даврӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ тасдиқ карда шаванд. Хотираи шифоҳӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи аввалия истифода шавад, аммо муқоисаи он бо ҳуҷҷатҳои даврӣ эътимоднокии илмии мақоларо бештар мекунад.

Фазои эҷодии ансамбл ҳамчун ҷузъи методикаи таълим. Дар ташаккули сарояндаи ҷавон танҳо муносибати мустақими устод ва шогирд нақш надорад. Муҳити эҷодие, ки дар он шогирд ҳар рӯз фаъолият мекунад, низ як ҷузъи муҳими раванди омӯзиш мебошад.

Метавонам ба ёд биорам, ки муҳити ансамбли «Шашмақом» дорои сатҳи баланди фарҳанги касбӣ буд ва дар он сарояндагон ва навозандагони соҳибтаҷриба фаъолият мекарданд. Боймуҳаммад Ниёзов ба иштирокчиёни ансамбл, новобаста аз синну сол ва мақоми касбӣ, бо эҳтиром муносибат мекарданд. Чунин муносибат фазои эътимод ва ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварда, барои рушди озоди эҷодии шогирдон заминаи мусоид фароҳам меовард.

Ҳузури сарояндагон ва навозандагони варзида дар машқҳои ҳаррӯза барои иҷрокунандаи ҷавоне чун ман як навъ мактаби зиндаи таҷриба буд. Шогирд на танҳо аз устоди бевоситаи худ, балки аз мушоҳидаи фаъолияти дигар устодон ва ҳамкорон низ дониш меандӯхт.

Махсусан, ҳамкории доимии сароянда бо мутрибон барои ташаккули маҳорати ансамблӣ аҳаммияти калон дошт. Иҷрокунандаи «Шашмақом» бояд аз ибтидо муносибати байни овоз ва соз, лаҳзаи воридшавӣ, таваққуф, нафасгирӣ ва ҳаракати умумии ансамблро эҳсос мекард. Аз ин рӯ, муҳити ансамблӣ худ ба як қисми методикаи омӯзиш табдил меёфт.

Идомаи мактаби устод дар муҳити хонаводагӣ. Ҷанбаи дигаре, ки метавонам онро тавзеҳ диҳам, идомаи фаъолияти мусиқии хонаводаи Боймуҳаммад Ниёзов мебошад. Фарзандони устод–Азиммуҳаммад, Нурмуҳаммад ва Шарифмуҳаммад Ниёзовҳо низ дар соҳаҳои гуногуни мусиқӣ фаъолияти эҷодӣ доштанд.

Азиммуҳаммад Ниёзов ҳамчун навозандаи тор ва сароянда, Нурмуҳаммад ҳамчун аккордеоннавоз ва Шарифмуҳаммад ҳамчун устои созҳои миллӣ, аз ҷумла тору рубоб, фаъолияти худро идома додаанд.

Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки интиқоли таҷрибаи мусиқӣ метавонад ҳамзамон дар ду сатҳ сурат гирад: аз устод ба шогирд ва аз насл ба насл дар дохили хонавода. Ҳар ду шакл дар ҳифзи фарҳанги мусиқӣ нақши муҳим доранд, ҳарчанд механизмҳои онҳо яксон нестанд.

Дар ин маврид муҳити хонаводагӣ ҳамчун фазои иҷтимоии интиқоли таҷрибаи мусиқӣ баромад мекунад. Дониши созсозӣ, иҷрои мусиқӣ, шиносоӣ бо созҳои миллӣ ва таҷрибаи саҳнавӣ дар чунин муҳит метавонад аз насл ба насл идома ёбад.

Самараи фаъолияти омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзов. Самараи фаъолияти устодро пеш аз ҳама дар рушди касбии шогирдонаш метавон мушоҳида кард. Мастона Эргашева баъд аз солҳои фаъолияти эҷодӣ ба яке аз чеҳраҳои маъруфи санъати вокалии тоҷик табдил ёфта, соли 1989 ба унвони баландии Артисти халқии Тоҷикистон сарфароз гардидааст.

Тибқи хотироти худи ӯ, Боймуҳаммад Ниёзов аз аввалин нафароне будаанд, ки ин дастоварди шогирдашонро самимона табрик намудаанд. Гарчанде чунин воқеа дар назари аввал хусусияти шахсӣ дорад, барои омӯзиши муносибати устод-шогирд аҳаммияти муайянро дорост. Он нишон медиҳад, ки муносибати педагогӣ дар муҳити мақом танҳо ба вақти машқ маҳдуд намешавад, балки метавонад ба муносибати дарозмуддати маънавию эҷодӣ табдил ёбад.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаи фаъолияти омӯзгорро на танҳо бо шумораи асарҳои омӯхташуда, балки бо тақдири эҷодии шогирд ва саҳми минбаъдаи ӯ дар рушди фарҳанги мусиқӣ низ бояд арзёбӣ кард.

Арзиши хотираҳои шифоҳӣ барои мусиқишиносӣ. Дар таҳқиқи таърихи мусиқии тоҷик истифодаи хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи равандҳои фарҳангӣ аҳаммияти махсус дорад. Чунин сарчашмаҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои фаъолияти эҷодӣ ва таълимӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ пурра инъикос наёфтаанд, барқарор карда шаванд.

Хотироти банда низ аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки мо иштирокчии бевоситаи фаъолияти ансамбл ва шогирди Боймуҳаммад Ниёзов будем, раванди омӯзиш, машқ ва иҷрои асарҳоро аз таҷрибаи шахсӣ баён намудем.

Дар баробари ин, барои таҳқиқоти илмӣ хотираҳои шифоҳиро бояд ҳамчун сарчашмаи таърихии дорои хусусияти субъективӣ истифода бурд.

Хотира метавонад баъд аз гузаштани солҳо бо таассуроти шахсӣ, интихоби хотираҳои муҳим ва эҳтимоли тағйири ҷузъиёти хронологӣ ҳамроҳ шавад.

Хулоса. Анъанаи устод-шогирд яке аз асоситарин механизмҳои таърихии ҳифз ва интиқоли мактаби иҷрокунандагии »Шашмақом» мебошад. Таҳлили таҷрибаи банда нишон медиҳад, ки ин анъана дар фаъолияти ансамбли» Шашмақом»-и Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон дар шакли нав идома ёфтааст.

Фаъолияти омӯзгории Боймуҳаммад Ниёзов намунаи равшани пайвастани таҷрибаи суннатии мақомхонӣ бо низоми касбии ансамблӣ мебошад. Машқҳои дастҷамъона барои ташаккули маҳорати ансамблӣ ва машғулиятҳои инфиродӣ барои рушди имкониятҳои ҳар як сароянда мусоидат мекарданд. Дар натиҷа, шогирд на танҳо асарҳои «Шашмақом»-ро меомӯхт, балки меъёрҳои услубӣ ва эстетикии мактаби иҷроиро низ азхуд менамуд.

Ҳамин тариқ, нақши Боймуҳаммад Ниёзовро дар таърихи иҷрокунандагии «Шашмақом»-и тоҷик метавон аз мавқеи интиқоли таҷрибаи мусиқӣ аз як насл ба насли дигар арзёбӣ кард. Ин навиштаи мо, барои омӯзиши таърихи шифоҳии мактаби иҷрокунандагии Шашмақом манбаи қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Барои таҳқиқоти минбаъда зарур аст ки хотираҳои сарояндагон бо сабтҳои фонди радио, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, барномаҳои консертӣ, матбуоти даврӣ ва маводи симпозиумҳои байналмилалӣ муқоиса карда шаванд. Чунин муносибати байнисоҳавӣ имкон медиҳад, ки саҳми устодони алоҳида ва мактабҳои иҷрокунандагии онҳо дар рушди «Шашмақом» - и тоҷик бо далелҳои бештар ва дар заминаи илмии мукаммалтар муайян карда шавад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Азизӣ, Ф.А. ва диг. Очеркҳои таърихи мусиқии Тоҷикистон дар асрҳои XX – аввали XX1 [Матн]: Таҳқиқи илмӣ-мусиқишиносӣ. Китоби 1. / Ф.А. Азизӣ, Э.А. Абдуллозода, З.Ф. Гадоев, Б.А. Убайдзода, М.З. Назиров, Ф.А. Олимӣ, А.Ш. Шоев, Г.А. Раҳмонова, Д.В. Салихова, Н.Н. Мизробова, У.Н. Орипова. – Душанбе: Эр-граф, 2025. – 548 с.
2. Рачабов, А., Абдурашидов А., Азизӣ Ф., Ҳакимов Н. Донишномаи Шашмақом. – Душанбе, 2009. – 422 с.
3. Низомов, А. Таърих ва назарияи Шашмақом / А. Низомов. – Душанбе: Адиб, 2006. – 504 с.
4. Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.
5. Ҳакимов, Н. «Шашмақом» дар қарни XX: анъана ва навоварӣ. – Хуҷанд, 2005. – 504 с.

6. Шашмақом. Тартибдиҳандагон: Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов. – Москва: Нашриёти давлатии музикавӣ, Ҷ. 1. Бузрук. – 1950. – 279 с.
7. Шашмақом. Тартибдиҳандагон: Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов. – Москва: Нашриёти давлатии музикавӣ, Ҷ. 2. Рост. – 1954. – 279 с.
8. Шашмақом. Тартибдиҳандагон: Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов. – Москва: Нашриёти давлатии музикавӣ, Ҷ. 3. Наво. – 1957. – 193 с.
9. Шашмақом. Тартибдиҳандагон: Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов. – Москва: Нашриёти давлатии музикавӣ, Ҷ. 4. Дугоҳ. – 1959. – 275 с.
10. Шашмақом. Тартибдиҳандагон: Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов. – Москва: Нашриёти давлатии музикавӣ,Ҷ. 5. Сегоҳ. Ироқ. –1967. – 255 с.
11. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат (дар се ҷилд) [Матн] (Сармуҳаррир Ҷ. Азизқулов). – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энисклопедияи советии тоҷик, 1989. – Ҷ. 2. Калим-Работ. – 560 с.
12. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик (дар се ҷилд) [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энисклопедияи миллии тоҷик, 2004. – Ҷ. 3. Равзана-Ҷӯраев. – 524 с.

Дар бораи муаллиф: Эргашева Мастона – Ҳунарпеши халқии Тоҷикистон, и.в. профессори кафедраи сарояндагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. **Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ш. Ҳусейзода, 155. Тел.: +992 550 25 23 23.

Об авторе: Эргашева Мастона – Народный артист Таджикистана, и.о. профессора кафедры традиционного пения Национальной консерватории Таджикистана имени Талабхуҷа Сатторова. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейзода, 155. **Тел.:** +992 550 25 23 23.

About the author: Ergasheva Mastona – Peoples Artist of Tajikistan, Acting Professor at the Department of Traditional Singing, Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. **Address:** 155 Sh. Huseyzoda St., Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +992 550 25 23 23.

ТДУ: 78.071.1(575.3):781.61

ЖАНРИ ФАЛАК-МАДҲИЯ ДАР АНЪАНАИ ФАЛАКИ ПОМИРӢ
(ҳалли композитсионӣ-драматургӣ)
(қисми дуюм)

Саъдулло Каримзода
номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Аннотатсия. *Силсилаи панҷқисмаи Фалак-Мадҳия – жанри касбии фалаки помирӣ маҳсуб меёбад. Он зери нуфузи анъанаи ғазалхонӣ дар минтақаи Бадахшон пайдо шудааст. Яке аз намунаҳои беҳтарини ғазалхониро дар Помир ҳифз менамояд.*

Дар он ҳифзи анъанаҳои рубоихонӣ дар фалаки помирӣ низ дида мешавад, зеро қисми чаҳоруми он (Фалак) бар рубоихонӣ асос ёфтааст. Қисмҳои дигари он – Зилобам, Пастубаланд, Ҳайдарӣ ва Ситоиш талқини гуногунранги ғазалхониро нишон медиҳанд.

Дар мақола ба василаҳои васлии қисмҳо бо якдигар, рушди хати ягонаи драматургии силсила ва аз аввал то ба охир нигаҳ доштани моҳияти асосии аслпарда дар он, яъне ҳамаи он василаҳоеро, ки ягонагии композитсионии силсиларо таъмин менамоянд, таваҷҷуҳ дода шудааст.

Таҳқиқи Фалак-Мадҳия – таҳқиқи силсилабандиро дар анъанаи фалаки помирӣ нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, жанри силсилавии Фалак-Мадҳия аз он далолат медиҳад, ки тафаккури мусиқии мардуми Бадахшон ба сатҳи касбии мусиқӣ хеле барвақт расида, насл ба насл услуби ғазалхонӣ ва силсилабандиро дар мусиқии маҳаллӣ қавитар гардонидааст.

Ҳамаи сифатҳои Фалак-Мадҳия зери нуфузи хусусиятҳои умумии мусиқии касбии дунявии тоҷик ташаккул ёфтаанд.

Калидвожаҳо: *силсила, даромади созӣ, Сархат, Ниммавҷ, Авҷ, Фаровард, банди композитсионӣ, дараҷоти лаҳнӣ.*

ЖАНР ФАЛАК-МАДХИЯ В ТРАДИЦИИ ФАЛАКИ ПОМИРИ
(композиционно-драматургическое решение)
(часть вторая)

Саъдулло Каримзода
кандидат искусствоведения, доцент Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. Республика Таджикистан, г. Душанбе

Аннотация. *Пятичастный цикл Фалак-Матхия считается профессиональным жанром памирского фалака. В регионе Бадахшана он*

появился под влиянием традиции газалхони. На сегодняшний день он является гарантом охраны высокого образца газалхони на Памире.

В нём наглядна и охрана традиции рубоихони в памирском фалаке, поскольку его четвёртая часть (Фалак) базируется на рубоихони. Другие его части – Зилобам, Пастубаланд, Хайдари и Ситоиш демонстрируют красочные толкования газалхони.

В статье внимание направлено на выявления средств связующих друг с другом части, обеспечивающих единую линию драматургического развития, сохраняющих ведущее значение аслпарда на протяжении цикла, словом всех тех средств, которые вкупе обеспечивают композиционное единство цикла.

Исследование Фалак-Мадхии является исследованием циклообразования в традиции фалаки помири.

Следовательно, циклический жанр Фалак-Мадхия свидетельствует о том, что музыкальное мышления бадахшанцев рано достигла уровня профессиональной музыки, а все последующие поколения укрепили традиции газалхони и циклообразования в данной локальной музыке.

Все свойства Фалак-Мадхии сформировались под влиянием общих свойств светской профессиональной таджикской музыки.

***Ключевые слова**: цикл, инструментальное вступление, сархат, ниммавдж, авдж, фаровард, композиционная строфа, ладовый звукоряд.*

THE FALAK-MADHIYA GENRE IN THE FALAKI POMIRI TRADITION (compositional-dramatic solution) (part two)

Sa'dullo Karimzoda
Candidate of Arts, Associate Professor of the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. Republic of Tajikistan, Dushanbe

***Annotation**. The five-part Falak-Mathiya cycle is considered the professional genre of Pamir falak. In the Badakhshan region, it emerged under the influence of the ghazalkhoni tradition. Today, it safeguards the high quality of ghazalkhoni in the Pamirs.*

It also clearly demonstrates the preservation of the ruboikhoni tradition in the Pamir falak, as its fourth part (Falak) is based on ruboikhoni. Its other parts – Zilobam, Pastubaland, Khaidari, and Sitoish – demonstrate colorful interpretations of gazalkhoni.

The article focuses on identifying the means of connecting the parts with each other, ensuring a single line of dramatic development, maintaining the leading significance of the aslparda throughout the cycle, in a word, all those means that together ensure the compositional unity of the cycle.

Falak-Madhiya's study is a study of cycle formation in the Falaki Pomiri tradition.

Consequently, the cyclic genre of Falak-Madhiya testifies to the fact that the musical thinking of the Badakhshani people early reached the level of professional music, and all subsequent generations strengthened the traditions of gazalkhoni and cyclic formation in this local music.

All the properties of Falak-Madhiya were formed under the influence of the general properties of secular professional Tajik music.

***Key words**: cycle, instrumental introduction, sarkhat, nimavj, avj, farovard, compositional structure, modal scale.*

Дар намунаҳои мусиқии суннатӣ табиатан аз гуфтаҳову афзалиятҳои мардуми таҳҷоӣ хоссагиҳое мушоҳида мешавад. Дар ин равол жанри Фалак-Мадҳия истисно буда наметавонад. Ва яке аз чунин нукта унвони қисмҳои ин жанри силсилавӣ мебошад. Қисми навбатии силсила аз номи Ҳазрати Алӣ – Ҳайдарӣ гирифта шудааст. Ҳайдарӣ – қисми сеюми силсилаи Фалак-Мадҳия мебошад. Матни шеърии Ҳайдарӣ ҳамеша ғазал аст [2]. Таҳлили Ҳайдарӣ бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ «*Хоҷа, дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани макфуфи аҳтам* ба амал оварда мешавад.

Банди аввали композитсионӣ ду байти ғазалро дарбар гирифтааст.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум


Хоҷа, дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст,
Хоҷа, анвора дилу дидаи мардон адаб аст.
V – – – / V – – V/V – – V / V ~
мафоъӣлун/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯл



Мисоли 1. Хати аввали сархат.

Қолабзарби ин қисм, ҳарчанде дар Бадахшон «ҳайдарӣ» номида мешавад, дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон бо номи «уфари суст» маълум аст.

Дар ду мисраоҳанги хати аввал вариантҳои гуногуни мутаносибии пардаҳои воридотӣ бо аслпарда нишон дода шудаанд. Хати якум дар дараҷоти тетрахордӣ асос меёбад:



Мисоли 2. Дараҷоти хати аввали сархат.

Хати дуюм – байти дуюм

Одам аз олами улвист на суфлӣ, дарёб,
Равнақи гардиши ин гунбади даврон адаб аст.



Мисоли 3. Хати дуюми сархати Ҳайдарӣ.

Дараҷоти лаҳнии хати дуюм такрори дараҷоти хати якум аст.
Банди дуюми композитсионӣ ҳам фарогири ду байти ғазал аст.
Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум
Хати якум – байти сеюм

Одамиро, ки аз беадабӣ ҳосил нест,
Фарқ дар чашму сари одаму ҳайвон адаб аст.



Мисоли 4. Ниммавҷ. Хати якум.


Дараҷоти хати якуми нимавҷ дар трихорди нимпардаии гирехбандаки аслпарда (cis^1 – d^1 – es^1) асос ёфтааст.
Хати дуюм – байти чорум

Чашм бикшову бубин ҷумла каломуллоро,
Оят-оят ҳамагӣ маъниш Қуръон адаб аст.



Мисоли 5. Ниммавҷ. Хати дуюм.

Дараҷоти банди ниммавҷ пентахордӣ аст, ки дар мисраъоҳанги дуюми хати дуюм пурра нишон дода шудааст:



Мисоли 6. Дараҷоти ниммавҷ.

Ба монанди бандҳои қаблӣ, банди авҷӣ низ бу байти ғаҳалро дарбар мегирад.
Авҷ – байтҳои панҷум ва шашум
Хати якум – байти панҷум

Як ду рӯзе, ки дар ин хона ту ҳам меҳмонӣ,
Боадаб бош, ки хосияти инсон адаб аст.



Мисоли 7. Хати якуми банди авҷӣ.

Хати дуюм – байти шашум

Домани мо ҳама гир, чӣ дар роҳи яқин,
Ҳам сари ганҷӣ, фардои ту дида Қуръон адаб аст.





Мисоли 8. Хати дуюми банди авҷӣ.

Дараҷоти лаҳнии банди авҷӣ васеътар аст ва он дар мисраъоҳанги хати якум пурра намоён мегардад. Он дараҷоти гексахордӣ аст:



Мисоли 9. Дараҷоти банди авҷӣ.

Ва дар ин дараҷоти гексахордӣ он дорои ду фосилаи афзуда гардидааст. Мисраоҳангҳои хати дуюм бо майдонии садоии трихорди нимпардаӣ иктифо кардаанд.


Фароварди – байти ҳафтум

Шамси Табрез, хамӯш кун ту ин сирри Худо,
Анвару афзали ин шамъу шабистон адаб аст.



Мисоли 10. Фароварди Ҳайдарӣ

Банди фароварди ба дараҷоти тетрахорд бармегардад:



Мисоли 11. Дараҷоти фароварди.

Дараҷоти умумии асари Ҳайдарӣ ҳафтдараҷаӣ аст ва пардаҳои канории он дар фосилаи секста қарор гирифтаанд:



Мисоли 12. Дараҷоти Ҳайдарӣ.

Дар раванди шаклсозӣ он тадриҷан чунин ворид гардидааст: сархат – тетрахордӣ, нимавҷ – пентахордӣ, авҷ – гексахордӣ ва фаровард – тетрахордӣ.

Қисми сеюми Фалак-Мадҳия – Ҳайдарӣ ҳафт байти ғазалро фаро гирифтааст ва онҳо дар чунин шакл ба хатҳои оҳангӣ мутобиқ шудаанд:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм
- Ниммавҷ – байтҳои сеюм ва чорум
- Авҷ – байтҳои панҷум ва шашум
- Фаровард – байти ҳафтум[2]

Қисми чаҳоруми Фалак-Мадҳияро навъи фалаки озод зери унвони Фалак ташкил медиҳад. Дар силсилаи таҳлилӣ ин Фалак бар рубоии Абусаиди Абулхайр (а. X-XI) *«Исёни халоиқ арчи саҳрост, саҳрост»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам* мебошад. Ва матни он чунин аст:

Исёни халоиқ арчи саҳро-саҳрост,
Дар пеши иноятти ту як барги гиёст.
Ҳарчанд гуноҳи мост, киштӣ-киштӣ,
Ғам нест, ки раҳмати ту дарё-дарёст.
– – V / V – – – / V – – V /V ~
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафоъӣлу/фаъӯл

Сохтори композитсионии Фалак аз даромади созӣ ва чаҳор мисраъоҳанг иборат аст. Оҳанги даромади созӣ дар дараҷоти трихорди нимпардаӣ сохта шудааст:



Мисоли 13. Даромади сози Фалак.

Ин оҳанг хоси муқоми дуюм аст. Ҳамаи мисраъоҳангҳои Фалак дар он асос ёфтаанд:



[2] Чунин тақсимоти композитсионии мусиқии классикии тоҷик аз устод Фазлиддин Шаҳобов аст [21].



Мисоли 14. Фалак.

Аз ин бармеояд, ки қисми чаҳоруми Фалак-Мадҳия Фалак дар муқоми дуюми системаи чормуқом асос ёфтааст.

Мисраоҳанги сеюм барои Фалак авҷӣ аст. Дар он диапазон ба тетрахордӣ табдил меёбад:



Мисоли 15. Дараҷоти мисраоҳанги авҷии Фалак.

Хусусияти дигари Фалак дар он низ аст, ки ҳар як мисраоҳанги он аз ибтидонидо сар мешавад. Нақши ибтидонидо дар раванди Фалак хеле фаъол аст. Он моҳияти жанрии фалаки озодро хеле хуб таҷассум кардааст: дар мисраъоҳанги якум он руйи дараҷаи III (e^1), дар мисраъоҳанги авҷии сеюм – бо оҳанги дихорди кӯтоҳ (dis^1- e^1) ва фарогирии дараҷаҳои II ва III, ниҳоят, дар мисраоҳанги чаҳорум – бо оҳанги дихорди дароз (dis^1 – e^1 – dis^1), ҳарчанд фарогирии ҳамон дараҷаҳо, вале бо пайиҳамии се савти лаҳнӣ (дараҷаҳои II – III – II) омада, ҷараёни драматургиро равшан инъикос намудааст. Аз ҷиҳати лаҳнӣ он ҳамеша ба наздикшавӣ ба аслпарда қарор дорад ва ин сайъ дар хотима амалӣ мешавад: Фалак бо хотиманидо дар аслпарда (d^1) ба охир мерасад. Бо чунин хотима асоси лаҳнии Фалак шакли давраи мукаммалро пайдо кардааст. Оҳангу зарб низ ба ҳамин ҷараён мутобиқ гардидаанд: Фалак аз дараҷаи III тавассути дараҷаи II ба дараҷаи I расидааст. Дерандҳои дараҷаи III (дар аввал) ва дараҷаи I (дар охир) яканд ва онҳо зери фермата

қарор доранд. Нидои мисраоҳанги авҷӣ дар деранди дарозтар омадааст ва бори дигар дараҷаи III-ро таъкид кардааст.

Дар ин қисм дараҷоти умумӣ дар раванди шаклсозӣ тадриҷан чунин ворид мегардад: сархат ва нимавҷ – трихордӣ, авҷ – тетрахордӣ ва фаровард – трихордӣ. Дар фарогирии дараҷот қисми Фалак ба асоси жанрии хеш тақлид мекунад, хусусан жанри фалаки озод ҳамеша дар шеър – рубоӣ ва дар мусиқӣ – дараҷоти хурдро мепарастад.

Мутобиқшавӣ ба рубоӣ дар Фалак чунин аст:

- Сархат – мисраоҳанги якум
- Ниммавҷ – мисраоҳанги дуюм
- Авҷ – мисраоҳанги сеюм
- Фаровард – мисраъоҳанги чорум

Қисми панҷум, қисми хотимавии силсила – *Ситоиш* – ҳамеша дар ғазал асос меёбад. Ситоиши Фалак-Мадҳияи таҳлилӣ бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ *«Дил ба ин дунё мабанд, дунёи фонӣ бигзарад»* мебошад.

Сохтори композитсионии Ситоиш чор банди суннатиро дарбар мегирад.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум


Дил ба ин дунё мабанд, дунёи фонӣ бигзарад,
Навбати пирӣ дарояд, навҷавонӣ бигзарад.
– V – – /– V – – /– V – – /– V –
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун /фоъилун

Ин ғазал дар баҳри *рамали мусаммани маҳзуф* омадааст.



Мисоли 16. Хати аввали банди сархат.

Шакли пурраи мусамман ва вазни мусиқавии даҳзарбаии қолабзарби ситоиш мисраоҳангҳои нисбатан дарозро ба вуҷуд овардаанд. Вале новобаста ба ин, оҳанги хати аввал дар дараҷоти трихорди нимпардаӣ бо фарогирии фосилаи хеле хурд байни садоҳои канорӣ – терсияи коста қарор гирифтааст:



Мисоли 17. Дараҷоти хати аввал.

Оҳанг аз регистри поёнии лаҳнӣ оғоз гардида, бешитоб, ибора-ибора баён мегардад. Байни ибораҳову мисраъоҳангҳо сукутҳо ҷой гирифтаанд, ки мутобиқ ба ҳаҷми воҳидҳои сохтории композитсионианд. Аз ҷиҳати лаҳнӣ хати аввал хеле устувор аст. Зеро ки дараҷаҳои таркибии он аз ҳудуди садоҳои гиреҳбандаки аслпарда берун намебароянд.

Хати дуюм – байти дуюм

Эй ки дорӣ зӯри бозу, паҳлавонӣ дар ҷаҳон,
Зӯр дар бозу намонад, паҳлавонӣ бигзарад.



Мисоли 18. Хати дуюми сарҳат.

Сохтори хати дуюм ва баёни оҳанг дар он мушобеҳ ба хати якум аст. Ин ҷо ҳам ибораҳо ҷудо-ҷудо сукут дар миён омадаанд ва мисраоҳангҳо аз якдигар бо сукутҳои дароз ҷудо шудаанд. Оҳанги хати дуюм ҳам дар трихорди нимпардаӣ асос меёбад. Вале дар иборасозиву оҳангсозӣ такя бештар бар дараҷаи III трихорд аст, ҳарчанде ҳарду мисраоҳанг бо аслпарда хотима ёфтаанд.

Ниммавҷ – байтҳои сеюм ва чорум

Хати якум – байти сеюм

Эй, ки дорӣ боғу бӯстон, хуш сарпо мамлакат,
Боғи ту вайрона гардад, боғбонӣ бигзарад.



Мисоли 19. Хати аввали ниммавҷ.

Банди ниммавҷ тибқи нақши худ дар композитсияи асар бо оҳангу майдони садоӣ ва регистр аз банди сарҳат фарқ мекунад. Фарогирии садоии хати якуми нимавҷ бо такя ба аслпарда, якбора се садои навро ворид карда, сазовори дараҷоти пентахордӣ гардидааст:



Мисоли 20. Дараҷоти хати аввали нимавҷ.

Нисбат ба сархат он як дараҷа болотар ҷой мегирад. Дар оҳанг мавқеи садои нав (e^1) бузург аст. Ибораҳои аввали ҳарду мисраоҳанг дар он асос ёфта, бо он хотима меёбанд.

Хати дуюм – байти чорум

Ин ҷаҳон чун пӯл бошад, ҷони мо чун корвон,
Оқибат бигзар аз ин пӯл, корвонӣ бигзарад.

Дар хати дуюми ниммавҷ таъкидҳои оҳангӣ-лаҳнӣ ба дараҷаи болотарин (g^1) вогузошта шудаанд. Бо аслпарда (d^1) он дар мутаносибии квартоӣ қарор дорад ва таъкиди он маънои нимавҷро қайд кардан аст:



Мисоли 21. Хати дуюми банди нимавҷ.

Хати дуюм дараҷоти тетрахордиро фаро гирифтааст. Ин тетрахорди поёнии лаҳни асосӣ мебошад:



Мисоли 22. Дараҷоти хати дуюми банди нимавҷ.

Он иқтидор дорад, ки ранги лаҳни асосиро равшан ифода намояд, зеро ки дар таркиби худ фосилаи хоссаи афзударо дорад.

Авҷ – байти панҷум

Роҳати дунё ту дорӣ, неъмати уқбо маро
Бар сари фарзанди одам ҳарчи ояд, бигзарад.

Ҳарчанд чунин вазъ ғайримуқаррарӣ аст, банди авҷӣ дар қиёс бо ду бандҳои қаблӣ кӯтоҳтар буда, ҳамагӣ як байтро дарбар мегирад. Садои нави лаҳнӣ дар аввал таъкид мешавад: такрори ду-себора бо деранди дарози сеюм дар ибораи якум онро равшан ифода кардаанд. Идомаи оҳанг бештар ба мутаносибии дараҷаҳои I (аслпарда) ва V (миёнпарда) равона карда шудааст:



V.2.



Мисоли 23. Банди авҷии Ситоиш.

Дар умум банди авҷӣ дар дараҷоти пентахордӣ асос ёфтааст:



Мисоли 24. Дараҷоти банди авҷӣ.

Аз ин бармеояд, ки он дараҷоти бадастовардаи ниммавҷро таҳким мебахшад.

Фаровард – байти шашум

Шамси Табрезӣ, ҳунармандон бирафтанд зери хок,
Ин ҳунармандон, ки дидӣ, кордонӣ бигзарад.

Банди фароварди аз садои болоии банди авҷӣ даст кашида, бештар ба иҷрои функсияи хотимавии худ бармегардад. Дар мисраъоҳанги якум аслпардаро дар садоҳои гиреҳбандаки он қарор дода, баҳри таҳким онро бо қабзи дараҷаи квартоии поёнӣ (фосилаи квартаи коста) нишон медиҳад. Мисраоҳанги дуюм фарогири дараҷоти пурра аст:

VI.1.



VI.2.



Мисоли 25. Фароварди Ситоиш.

Ситоиш бо кашиши дарози овозии аслпарда хотима ёфтааст. Дараҷоти Ситоиш дар раванди шаклсозӣ чунин ворид гардидааст: сархат – трихордӣ, нимавҷ ва авҷ – пентахордӣ ва фароварди – гексахордӣ (бо фарогирии фосилаи байни садоҳои канорӣ – септимаи коста). Дараҷоти умумии ситоиш ҳаштдараҷаӣ буда, дар ҳудуди октаваи коста қарор гирифтааст.

Аз ҷиҳати шеър Ситоиш ҳамагӣ шаш байти ғазалро дар бар мегирад. Мутобиқшавӣ бо байтҳои ғазал дар он чунин қарор гирифтаанд:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм
- Ниммавҷ – байтҳои сеюм ва чорум
- Авҷ – байти панҷум
- Фаровард – байти шашум

Хулоса, дар панҷ қисми силсилаи Фалак-Мадҳия дараҷоти гуногунҳаҷм пешниҳод гардидааст. Мисраоҳангҳои силсила вобаста ба навъи Фалак (озод ва зарбӣ) ва зарби он кутоҳу васеъ мегарданд. Қобили қайд аст, ки силсилаи Фалак-Мадҳия дорои ду қисм (Зилобам ва Фалак)-и фалаки озод аст. Онҳо дар драматургияи силсила нақши муҳимро бозидаанд: бо яке (Зилобам) силсила оғоз гардидааст ва вазифаи нахустмуаррифии лаҳнӣ ва оҳангиро бар дӯш дорад. Дуюмӣ (Фалак) – дар нуқтаи бурриши тиллоӣ силсила ҷой гирифтааст ва феълан нақши кулминатсиониро дар силсила бозидааст [1]. Қисмҳои таркибии зарбӣ (сохторҳои пӯшида) – Пастубаланд (дуюм), Ҳайдарӣ (сеюм) ва Ситоиш (панҷум) – ҳар кадом дар асоси зарби ҳамноми худ қарор гирифта, аз зарби ҳафтзарбаӣ тавассути шашзарбаӣ ба зарби даҳзарбаӣ оварда мерасонад. Ин нукта рушди тадриҷии мураккабшавиро дар сатҳи асоси зарбии силсила нишон додааст [1].

Фалак-Мадҳия – жанри мураккабтарини падидаи фалак дар анъанаи фалаки помирӣ маҳсуб меёбад. Дар он услуби ғазалхонӣ дараҷаи баланди ғазалхониро дар ин минтақа нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, силсилаи мазкур дар худ ҳамаи хусусиятҳои ҳам рубоихонӣ ва ҳам ғазалхонӣ, ҳам жанри фалаки фолклорӣ (қисми чаҳорум) ва ҳам жанрҳои фалаки касбӣ (Зилобам, Пастубаланд, Ҳайдарӣ ва Ситоиш)-ро фаро гирифтааст. Бо чунин дороӣ силсилаи Фалак-Мадҳия иқтидор пайдо кардааст, ки сохтори композитсионии хеле мавзунро дар сатҳи баланди касбият бо мазмуни фалсафӣ, дар сатҳи рубоиёт ва ғазалиёти классикӣ пешниҳод намояд. Ин дороиҳо дар композитсияи қисмҳои таркибӣ ва сатҳи ягонаи силсила драматургияи мантиқан мукаммали мусиқиро бо истифода аз василаҳои асосии мусиқавӣ дар дараҷаи баланд амалӣ кардаанд [1]. Жанри Фалак-Мадҳия ягонагии тафаккури назму мусиқиро, ки зодаи мақомоти волои тоҷик – Шашмақом, Фалаки кулобӣ, мақомҳои маҳаллии водӣ (водии Фарғона ва Зарафшон – имрӯза вилояти Суғд) аст ва маҳз мақомоти тоҷик онро ҳамчун вазифаи асосии худ дар фарҳанги мусиқии миллат ҳифз менамояд, дар минтақаи Бадахшони кӯҳӣ сарбаландона бар ӯҳда дорад. Ва ин вазифаи пуршарафи хешро жанри касбии Фалак-Мадҳия бо зеҳнияту маънавиёти мардуми Бадахшон то имрӯз ифтихормандона иҷро менамояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Азизи, Ф.А. К вопросу логики макомной композиции / Ф.А. Азизи // Проблемы музыкальной науки. Российский специализированный журнал. – 2019. – № 2. – С. 63–75.
2. Азизи, Ф.А. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков / Ф.А. Азизи. – Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.
3. Азизӣ, Ф.А. Асосҳои мусиқии классикии тоҷик. Дар ду қисм. Қисми I. Таърих / Ф.А. Азизӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 400 с.
4. Азизӣ, Ф.А. Дар бораи замина ва принсипи асосии рушд дар мусиқии суннатии тоҷик / Ф.А. Азизӣ // Мутриб: маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. – Душанбе, 2024. – № 5. – С. 11–20.
5. Азизӣ, Ф.А. Назарияи мусиқӣ: китоби дарсӣ / Ф.А. Азизӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 304 с.
6. Азизӣ, Ф., Каримов, С. Фалак / Ф. Азизӣ, С. Каримов // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – Ҷ. 2. – С. 499–501.
7. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Услубҳои суннатии омӯзиш: пажӯҳиш ва истифода: монография / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов. – Душанбе, 2013. – 92 с.
8. Азизӣ, Ф.А. ва диг. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ: дастури таълимӣ / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримзода, М.Р. Бурҳонов, Қ.Д. Лутфишоев, М.А. Алиев. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 144 с.
9. Каримзода, С.С. Мавқеъ ва моҳияти системаи чормуқом дар фалаки Бадахшон / С.С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 161–166.
10. Кароматов, Ф.М. Основные черты музыкального строения узбекских народных песен / Ф.М. Кароматов // Вопросы музыкальной культуры Узбекистана / сост. и науч. ред. И.Н. Карелова. – Ташкент: Государственное издательство художественной литературы, 1961. – С. 34–71.
11. Кароматов, Ф.М. О локальных стилях узбекской народной музыки / Ф.М. Кароматов // Музыка народов Азии и Африки. Вып. 1 / ред.-сост. В.С. Виноградов. – Москва: Советский композитор, 1969. – С. 35–49.
12. Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – Москва: Советский композитор, 1978. – Кн. 1. – 182 с.; 1986. – Кн. 2. – 292 с.
13. Охонниёзов, В.Д. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон. Китоби аввал. Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон / В.Д. Охонниёзов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 328 с.
14. Таваккалов, Ҳ. Мавқеи ашъори Шамси Табрезӣ ва Носири Хусрав дар барномаи мадҳиясароён / Ҳ. Таваккалов // Суханшиносӣ: маҷаллаи илмии

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. – Душанбе, 2022. – № 1. – С. 90–100.
15. Таваккалов, Ҳ. Мактаби мадҳиясароӣ ва мутрибӣ дар водии Бартанг / Ҳ. Таваккалов // Суханшиносӣ: маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 185–194.
16. Таваккалов, Ҳ. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон / Ҳ. Таваккалов. – Хоруғ, 2013. – 264 с.
17. Таваккалов, Ҳ., Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 199 с.
18. Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик: маҷмуаи мақолаҳои симпозиуми байналмилалии Фалак / мураттиб Фароғат Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 248 с.
19. Фалак: китоби дарсии амалӣ. Китоби 1 / мураттиб Саъдулло Каримов. – Душанбе, 2019. – 400 с.
20. Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш: маҷмуаи мақолаҳои чорумин симпозиуми байналмилалии Фалак / мураттиб ва муҳаррир Ф.А. Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 336 с.
21. Шаҳобов, Ф. Осор ва пажӯҳиш. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. Баёзи Шашмақом / Ф. Шаҳобов; мураттиб Ф.А. Азизӣ. – Нашри дуюм. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 288 с.

Дар бораи муаллиф: Каримзода Саъдулло Салим – номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. **Нишонӣ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳусейзода, 155. Телефон: +(992) 935941227; E-mail: sadullo_falak@mail.ru.

Сведения об авторе: Каримзода Саъдулло Салим – кандидат искусствоведения, доцент Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейзода, 155. Телефон: +(992) 935941227; E-mail: sadullo_falak@mail.ru/.

About the author: Karimzoda Sa’dullo Salim – Candidate of Arts, Associate Professor of the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. **Address:** 155 Sh. Huseyzoda Street, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +(992) 935941227; E-mail: sadullo_falak@mail.ru.

ТДУ: 782.1:398.8(575.3)

РЕЖИССУРАИ ОВОЗ ДАР РАДИОИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲИФЗИ МУСИҚИИ МИЛЛӢ

Исматулло Саидов
и.в. дотсенти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Пешгуфтор. Санъати мусиқии суннатии тоҷик ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанги миллӣ буда, дорои таърихи тулонӣ ва анъанаҳои бисёр ғанӣ мебошад. Ин навъи санъат дар тӯли асрҳо дар заминаи таҷрибаи таърихӣ, ҷаҳонбинии мардум ва арзишҳои маънавию маърифатӣ ташаккул ёфта, то имрӯз ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии ҳувияти миллӣ ҳифз гардидааст. Мусиқии суннатӣ на танҳо василаи фароғат, балки шакли ифодаи андеша, эҳсос ва тафаккури фалсафии мардум буда, дар он унсурҳои зиндагии иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ таҷассум меёбанд.

Дар ин замина, созҳои мусиқии миллӣ мақоми хосаро ишғол менамоянд. Онҳо ҳамчун воситаи асосии таҷассум ва интиқоли мероси мусиқӣ аз насл ба насл хизмат карда, дар ташаккули мактабҳои гуногуни иҷрокунандагӣ нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, сози дутор яке аз машҳуртарин ва маъмултарин созҳои тории халқӣ ба ҳисоб рафта, дар муҳити гуногуни фарҳангӣ мавриди истифода қарор дорад. Садои мулоим ва дилнишини он имкон медиҳад, ки ҳам оҳангҳои соддаи мардумӣ ва ҳам асарҳои мураккаби классикӣ бо ҳассосияти баланд иҷро гарданд.

Дутор ҳамчун сози маъмули мусиқии халқӣ на танҳо воситаи иҷрои мусиқии мардумӣ, балки яке аз намунаҳои муҳими ифодаи мероси классикии мусиқии тоҷик, аз ҷумла мақомҳо ва оҳангҳои суннатӣ низ ба ҳисоб меравад. Ин соз дар тули таърих дар доираи анъанаҳои гуногуни иҷрокунандагӣ ташаккул ёфта, ба як василаи пурқуввати ифодаи бадеӣ табдил гардидааст.

Хусусияти муҳими дутор дар он зоҳир мегардад, ки он метавонад ҳаракати даст, зарб ва ороишҳои мусиқии суннатиро ба таври мукаммал

таҷассум намояд. Дар иҷрои мақомҳо ва оҳангҳои суннатӣ, дутор нақши ҳамроҳкунанда ва баъзан нақши асосиро иҷро карда, мусиқиро ғанӣ ва рангоранг мегардонад. Илова бар ин, ин соз дар шаклгирии услубҳои гуногуни иҷрокунандагӣ, мактабҳои маҳаллӣ ва анъанаҳои устод–шогирд саҳми назаррас дорад.

Аз ин рӯ, дуторро метавон на танҳо як сози мусиқӣ, балки як падидаи муҳими фарҳангӣ арзёбӣ намуд, ки тавассути он мероси классикӣ ва суннатии мусиқии тоҷик ҳифз, рушд ва ба наслҳои оянда интиқол дода мешавад.

Дар байни оҳангҳои маъруфи дуторӣ, оҳанги «Қӯштор» мавқеи махсусро ишғол менамояд ва яке аз намунаҳои барҷастаи мероси иҷрокунандагии суннатӣ ба шумор меравад. Ин оҳанг тӯли даҳсолаҳо аз ҷониби дуторнавозони касбӣ ва ҳаводорон иҷро гардида, дар доираи мактабҳои гуногуни иҷрокунандагӣ такмил ёфта, шаклу мазмуни худро пайваста ғанӣ гардонидааст. Маҳз тавассути ин раванд, «Қӯштор» на танҳо ҳамчун як оҳанги маъруф, балки ҳамчун падидаи зиндаи анъанаи мусиқӣ боқӣ мондааст, ки дар он таҷрибаи устодони гуногун ва хусусиятҳои услубии онҳо таҷассум ёфтаанд.

Истилоҳи «қӯштор» аз ду ҷузъ − «қӯш» ба маънои ҷуфт ва «тор» ба маънои тори соз − иборат буда, ба хусусияти ҷӯркунии махсуси дутор ишора мекунад. Дар ин навъи ҷӯркунӣ ҳар ду тори дутор ба як овоз, яъне ба ҳолати унисон ё прима мутобиқ гардонида мешаванд, ки ин ба оҳанг ранги хоси садоӣ ва зичии акустикӣ мебахшад. Ин тарзи ҷӯркунӣ бо номи «чӯри Қӯштор» маъруф буда, яке аз омилҳои асосии фарқкунандаи ин оҳанг аз дигар намунаҳои дуторӣ маҳсуб меёбад.

Чӯри мазкур барои иҷрокунанда имкониятҳои васеи услуби ороишкунандаро фароҳам оварда, заминаи мусоидро барои эҷоди шаклҳои гуногуни мелодӣ ва ташаккули услубҳои мухталифи иҷро муҳайё месозад. Дар чунин ҳолати ҷӯркунӣ, навозанда метавонад бо истифода аз такрор, тағйирёбӣ ва инкишофи унсурҳои оҳанг, матни мусиқиро ба таври озодона ғанӣ гардонад ва хусусияти инфиродии иҷрои худро нишон диҳад. Маҳз ҳамин имкониятҳои фарох боис гардидаанд, ки ин навъи ҷӯркунӣ дар миёни аҳли ҳунар ҳамчун «чӯри машшоқӣ» низ маъруф гардад, яъне чӯре, ки бештар барои машқ, такмил ва озмоиши маҳорати иҷрокунанда истифода мешавад.

Оҳанги «Қӯштор» аз нигоҳи сохтор, техникаи иҷро ва услуби бадеӣ яке аз намунаҳои мукаммал ва мураккаби мусиқии дуторӣ ба шумор меравад. Дар он ҳамоҳангии унсурҳои оҳанг ва зарбӣ бо нозукиҳои ангуштгузорӣ ва гуногуншаклии зарбҳо ба таври табиӣ муттаҳид гардида, аз иҷрокунанда сатҳи баланди маҳорати техникӣ, шунавоии нозук ва ҳисси амиқи мусиқиро талаб менамояд. Аз ин ҷиҳат, «Қӯштор» на танҳо як оҳанги иҷрошаванда, балки як намунаи олии санъати иҷрокунандагии дутор маҳсуб меёбад.

Аз ҷиҳати сохторӣ, оҳанги «Қӯштор» аз чанд қисмати асосӣ иборат буда, ҳар як қисми он дорои хусусиятҳои хоси зарбӣ, оҳангӣ ва техникӣ

мебошад. Ин қисматҳо дар маҷмуъ як низоми муназзами бадеиро ташкил медиҳанд, ки дар он инкишофи тадриҷии матни мусиқӣ ва ғанигардонии он тавассути усулҳои гуногуни иҷрокунандагӣ таъмин мегардад.

Қисми аввали оҳанг, одатан, бо иштироки ангуштони якум ва сеюми дасти чап иҷро мешавад, гарчанде дар баъзе ҳолат, вобаста ба ҷойгиршавии пардаҳо ва талаботи матни оҳанг, истифодаи ангуштони дуюм ва чорум низ мушоҳида мешавад. Ин тарзи ангуштгузорӣ ба иҷрои дақиқ ва равони ҳаракатҳои мелодӣ мусоидат намуда, барои ташаккули ибтидои устувори оҳанг замина фароҳам меорад.

Дар ин бахш нақши ангуштони дасти рост асосан ба тавлиди зарбӣ тавассути задани тахтаи косахонаи дутор маҳдуд мегардад. Ин усул ба оҳанг хусусияти зарбии хос бахшида, заминаи ритмикиро барои рушди минбаъдаи қисматҳои дигар таъмин мекунад. Ҳамзамон, чунин тарзи истифодаи дасти рост ба таъкиди ҷараёни дохилии зарб ва устувории иҷро мусоидат намуда, ба оҳанг равшании ифодавӣ мебахшад.

Хусусияти дигари муҳими ин оҳанг – истифодаи тори кушода дар шакли такроршаванда мебошад, ки дар ташаккули оҳанг нақши калидӣ мебозад. Ин унсур ҳамчун яке аз василаҳои асосии сохтори оҳанг хизмат менамояд.

Ин раванд, дар баробари ғанӣ гардонидани фазои садо, ба оҳанг ранги махсус ва шинохти хоси садоӣ мебахшад. Ҳамзамон, аз иҷрокунанда назорати комили ҳаракатҳои даст ва ҳамоҳангии дасти росту чапро талаб мекунад. Бо ин васила, иҷрокунанда метавонад на танҳо матни оҳангро дуруст таҷассум намояд, балки маҳорати техникии худ ва ҳисси баланди зарбиро низ ба таври равшан нишон диҳад.

Бо дарназардошти паҳншавии васеи оҳанги «Қӯштор» дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, махсусан дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, шаклгирии вариантҳои мухталифи он як падидаи табиӣ ва қонуниятноки рушди анъанаи иҷрокунандагӣ ба ҳисоб меравад. Чунон ки маълум аст, сози дутор дар миёни халқҳои гуногуни минтақа васеъ паҳн гардида, дар ҳар як муҳити фарҳангӣ хусусиятҳои хоси худро касб намудааст. Аз ин рӯ, ҳар як мактаби иҷрокунандагӣ дар асоси завқи бадеӣ, таҷрибаи устодон ва шароити маҳаллӣ ба ташаккули шаклҳои вижаи иҷрои як оҳанг мусоидат намудааст.

Ҳар як варианти «Қӯштор» дорои хусусиятҳои хоси худ буда, пеш аз ҳама ба мактаби муайяни иҷрокунандагӣ мансуб мебошад. Ин фарқиятҳо метавонанд дар тарзи ангуштгузорӣ, истифодаи зарбҳо, сохтори мелодӣ, хусусияти ритм ва унсурҳои ороишии оҳанг зоҳир шаванд. Ҳамин гуногунрангии иҷрокунандагӣ ба ғанӣ гардидани мероси мусиқӣ мусоидат намуда, «Қӯштор»-ро ҳамчун як падидаи зиндаи анъанавӣ нигоҳ медорад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи муқоисавии чунин вариантҳо аҳаммияти муҳими илмӣ дорад. Он имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҳар як сабк муайян карда шаванд, балки шакли нисбатан аслӣ ва равандҳои инкишофи таърихии оҳанг низ равшан гарданд.

Вазифаҳои асосии таҳқиқот дар доираи ин мақола иборатанд аз:
– таҳлили оҳанги «Қӯштор» дар сабки иҷрои Абдураҳим Ҳамидов;
– баррасии хусусиятҳои иҷрокунандагии он дар сабки С. Ҷӯраев;
– омӯзиши амиқи шаклҳо дар иҷрои Қ. Мадраҳимов.

1. Оҳанги «Қӯштор» дар сабки иҷрои Абдураҳим Ҳамидов. Саҳми Абдураҳим Ҳамидов дар рушди санъати дуторнавозӣ назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Ӯ ҳамчун яке аз намояндагони фаъоли мактаби иҷрокунандагии дуторӣ дар густариш ва такмили анъанаҳои суннатӣ нақши муассир гузоштааст. Шакли навозиши оҳанги «Қӯштор», ки тавассути ӯ иҷро ва миёни аҳли ҳунар таблиғ гардидааст, имрӯз дар байни дуторнавозони тоҷик ва узбек мавқеи устувор касб намуда, ҳамчун яке аз намунаҳои маъмули иҷроӣ пазируфта шудааст.

Банда ин оҳанг, яъне услуби А. Ҳамидовро соли 1992, дар давраи таҳсил дар Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Хуҷанд, бо роҳнамоии устод Обидхон Алиакбаров аз худ намудаам.

Аз нигоҳи сохторӣ, ин вариант ба шакли аслӣ наздик буда, вале дар оҳанг, тарзи ангуштгузорӣ ва истифодаи унсурҳои ороишии иҷро, аз ҷумла нолаҳо, фарқиятҳои муайян дорад. Ин тафовутҳо бештар хусусияти услубӣ дошта, ба ташаккули симои инфиродии иҷрои оҳанг мусоидат мекунанд ва онро аз дигар вариантҳо ҷудо менамоянд.

Қисми аввали оҳанг асосан дар тори якум иҷро шуда, дар он фаъолияти ангушти якум нисбат ба ангушти сеюм бештар ба назар мерасад. Чунин тарзи ангуштгузорӣ ба равшан ифода ёфтани ибтидои оҳанг мусоидат мекунад. Ҳамзамон, дар ҳар як ҷузъи оҳангӣ такрори тори кушода ду маротиба ба мушоҳида мерасад, ки ин хусусият ба оҳанг устувории ритмӣ ва характери даврии равандро мебахшад.

Қисми дуюми ин вариант дар мизони 4/4 ва бо суръати нисбатан тез иҷро гардида, дар худ истифодаи васеи усулҳои «чида рез» ва гуногуншаклии ангуштзарбҳоро фаро мегирад. Ин бахш аз ҷиҳати ритм ва динамика фаъолтар буда, ҳаракати дохилии оҳангро тезонида, ба он ранги ифода ва қувва мебахшад. Дар ҳамин замина, истифодаи глиссандо ва нолаҳои зебо ба таври фаровон ба мушоҳида мерасад, ки онҳо ба оҳанг ороиши махсус дода, таъсири эҳсосии онро қавитар мегардонанд.

Қисми сеюм бошад, дар мизони 6/8 бо суръати нисбатан оромтар иҷро шуда, бо истифодаи зарби «уфар» хусусияти хоси рақсии мулоимро ба худ мегирад. Ин бахш бештар хусусияти лирикӣ дошта, ба поёнравии тадриҷии шиддати зарбӣ ва ташаккули фазои ором мусоидат мекунад. Ҳамзамон, дар ин қисм ҳамоҳангии байни зарб ва оҳанг равшантар намоён мегардад.

Дар маҷмуъ, ин вариант аз иҷрокунанда маҳорати баланди техникӣ, ҳамоҳангии комили дасти рост ва чап, инчунин ҳисси амиқи мусиқӣ ва дарки нозукиҳои услубиро талаб мекунад.

2. Оҳанги «Қӯштор» дар сабки иҷрои Сироҷиддин Ҷӯраев. Ин вариант дар доираи раванди омӯзиши услубҳои гуногуни иҷрокунандагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчун намунаи муҳими таҳлилӣ истифода шудааст. Соли 1997, ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд, бо супориши устод С. Худойбердиев, аз сабти иҷрои устод Қӯзихон Мадраҳимов аз бар намудам.

Шакли навозиши Қ. Мадраҳимов аз ҷиҳати сохтор ва техника аз варианти Ҳамидов фарқиятҳои назаррас дорад. Пеш аз ҳама, қисми аввал танҳо бо иштироки ангуштони дасти чап иҷро гардида, дар он тори кушода дар ҳар як оҳанг ду маротиба садо медиҳад. Чунин тарзи иҷро ба оҳанг аз як тараф соддагии зоҳирӣ мебахшад, вале аз тарафи дигар мураккабии ботинӣ ва сохтори нозуки ритмикиро нигоҳ медорад, ки он танҳо дар раванди иҷрои дақиқ эҳсос мегардад.

Қисми дуюм бо суръати нисбатан ором ва муътадил иҷро шуда, хусусияти гузаришӣ миёни бахшҳои асосии оҳангро иҷро мекунад. Қисми сеюм бошад, нисбатан тезтар иҷро гардида, динамикаи умумии асарро афзоиш медиҳад ва онро ба анҷоми мантиқӣ наздик месозад. Дар бахши охир истифодаи ангуштзарби соддаи «поён–боло» ба мушоҳида мерасад, ки ба оҳанг равшании ритмӣ ва соддагии услубӣ мебахшад.

Ба андешаи як қатор мутахассисони соҳа, аз ҷумла Гӯзал Муминова ва Шуҳрат Раззоқов, ин вариант аз лиҳози хусусиятҳои услубӣ ва сохтории худ ба сабки иҷрои Қ. Мадраҳимов хеле наздик мебошад. Ин наздикӣ бештар дар тарзи ташаккули оҳанг, истифодаи гуногунрангии зарбӣ ва равиши умумии иҷро зоҳир мегардад.

3. Оҳанги «Қӯштор» дар иҷрои Қ. Мадраҳимов. Таҳқиқоти тӯлонӣ дар соли 2020 нишон дод, ки варианти иҷрои Қ. Мадраҳимов дорои хусусиятҳои ҷолиб ва ҳамзамон мураккаби сохториву иҷроӣ мебошад. Ин вариант аз ҷиҳати техника ва ташаккули садо як қатор нозукиҳои хосро дарбар гирифта, дар муқоиса бо дигар шаклҳои маъруфи «Қӯштор» мавқеи алоҳида дорад. Бар хилофи баъзе андешаҳои мавҷуда, дар қисми аввал на танҳо ангуштони дасти чап иштирок мекунад, балки ангушти дасти рост низ нақши фаъол ва муайянкунанда мебозад.

Дар ин вариант тори дуюм бо ангушти калони дасти рост навохта мешавад, ки дар натиҷа пайдарпайии садои ду тори кушода ба вуҷуд меояд. Ин усули иҷро ба оҳанг ранги махсуси садоӣ ва хусусияти фарқкунандаи тембрӣ мебахшад, ки онро аз дигар вариантҳо возеҳ ҷудо мекунад. Ҳамзамон, чунин ҳамоҳангии дасти рост ва чап ба ташаккули сохтори мураккаби зарбӣ ва ғанигардонии оҳанг мусоидат менамояд, ки ин ҷанбаи муҳими услуби иҷрои мазкур ба ҳисоб меравад.

Қисмҳои минбаъдаи ин вариант бо истифодаи як қатор техникаҳои гуногуни иҷрокунандагӣ, аз ҷумла «чидазарб», «чидарез», «якказарб» ва ҳамроҳии унсури зарбии «бам» иҷро мешаванд. Ин усулҳо ба оҳанг на танҳо

гуногунрангии зарбӣ мебахшанд, балки сохтори дохилии онро низ ғанӣ гардонида, ҳаракати динамикии мусиқиро равшантар менамоянд.

Яке аз унсурҳои муҳимми ин вариант истифодаи қаторовоза мебошад, ки ба пардаҳои табиӣ такя мекунад ва ҳамчун асоси садои соз хизмат мекунад. Ин падида ба ташаккули пояи устувори интонатсионӣ мусоидат намуда, ҳамоҳангии байни унсурҳои оҳанг ва зарбро таъмин месозад. Дар натиҷа, қаторовоза на танҳо ҳамчун заминаи садоӣ, балки ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташаккули симои умумии оҳанг мебошад.

Марҳалаҳои омӯзиш ва натиҷагирӣ. Раванди омӯзиши оҳанги «Қӯштор» − ро дар фаъолияти худ ба се марҳилаи асосӣ ҷудо намудам:

– марҳалаи аввал (1992) — азхудкунӣ дар сабки Абдураҳим Ҳамидов;

– марҳалаи дуюм (1997) — шиносоӣ бо варианти Қ. Мадраҳимов;

– марҳалаи сеюм (2020) — таҳқиқ ва бозомӯзии амиқ.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки оҳанги «Қӯштор» дорои пайдоиши халқӣ буда, решаҳои он ба анъанаҳои куҳани мусиқии шифоҳии мардумӣ мерасад. Тибқи маълумоти мавҷуда, яке аз сабтҳои қадимтарини ин оҳанг ба соли 1951 ва иҷрои Қ. Мадраҳимов мансуб дониста мешавад, ки ин далел аҳаммияти таърихии хоса дорад ва барои омӯзиши минбаъдаи равандҳои ташаккули он манбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили маводи мавҷуда метавон хулоса намуд, ки варианти нисбатан аслӣ ва ибтидоии ин оҳанг низ ба ҳамин устод мансуб дониста мешавад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки нақши Қ. Мадраҳимов дар шаклгирӣ ва устуворсозии оҳанги «Қӯштор» назаррас буда, таъсири ӯ дар рушди иҷрокунандагии ин оҳанг равшан эҳсос мегардад.

Дар даврaҳои баъдӣ, ин оҳанг тавассути фаъолияти ҳунармандон Абдураҳим Ҳамидов ва Сироҷиддин Ҷӯраев такмил ёфта, дар ҷараёни рушди анъанаи иҷрокунандагӣ ба ду шакли гуногуни услубӣ ва иҷроӣ табдил ёфтааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки «Қӯштор» ҳамчун як падидаи зиндаи мусиқии суннатӣ дар ҳар давра таҳти таъсири мактабҳои гуногуни дуторнавозӣ қарор гирифта, хусусиятҳои нав касб намудааст.

Ҳамин тавр, имрӯз метавон се варианти асосии оҳанги «Қӯштор»-ро ҷудо намуд, ки ҳар кадоми онҳо дорои хусусиятҳои хоси услубӣ мебошанд. Фарқияти ин вариантҳо асосан дар қисми аввал, яъне дар тарзи ангуштгузорӣ, инчунин дар техникаи иҷрои қисмҳои минбаъда зоҳир мегардад. Ин тафовутҳо на танҳо гуногуншаклии иҷро, балки ғанӣ гардидани анъанаи дуторнавозиро низ инъикос менамоянд.

Хулоса. Таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи оҳангҳои дутор, аз ҷумла «Қӯштор», барои рушди минбаъдаи санъати дуторнавозӣ аҳаммияти калидӣ ва назаррас дорад. Чунин навъи ҷустуҷӯ имкон фароҳам меорад, ки на танҳо хусусиятҳои сохторӣ, услубӣ ва техникӣ дақиқ муайян карда шаванд, балки равандҳои таърихии ташаккул, таҳаввул ва гуногуншаклии иҷрои ин оҳанг

низ дар муҳити мактабҳои гуногуни дуторнавозӣ ба таври илмӣ баррасӣ гардад.

Иҷрокунандагон дар ин раванд бояд на танҳо ба азхудкунии танҳо оҳанг маҳдуд шаванд, балки ҳамчунин ба нозукиҳои услубӣ, техникаҳои махсуси иҷро, тарзҳои гуногуни ангуштгузорӣ, истифодаи зарбҳо ва анъанаҳои мактабҳои гуногуни иҷроӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Зеро, маҳз ҳамин унсурҳо симои бадеии ҳар як вариантро муайян карда, онро аз дигар шаклҳои иҷро фарқкунанда мегардонанд. Танҳо дар асоси чунин дарки амиқ метавон сатҳи касбии иҷрокунандагӣ ва сифати бадеии оҳангҳоро ба маротиб баланд бардошт.

Ин гуна таҳқиқот на танҳо ба ҳифз ва рушди мероси фарҳангии миллӣ мусоидат мекунад, балки барои ташаккули мактаби муосири илмӣ ва амалии дуторнавозӣ низ заминаи устувор фароҳам меорад. Ҳамзамон, он ба пайванди анъана ва навоварӣ дар санъати навозандагӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки таҷрибаи устодони гузашта бо равишҳои муосири иҷроӣ ҳамоҳанг карда шавад.

Илова бар ин, чунин таҳлилҳо метавонанд дар раванди омӯзиши донишҷӯён, тадқиқоти мусиқишиносӣ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозанд. Онҳо барои дарки амиқи мантиқи дохилии оҳангҳо, шинохти услубҳои иҷро ва ташаккули ҷаҳонбинии касбии навозандагон мусоидат менамоянд.

Умед аст, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот амиқтар гардидани таҳлили илмии анъанаҳои иҷроӣ ва ғанӣ гардидани мусиқии тоҷик саҳми арзанда гузошта, барои наслҳои ояндаи дуторнавозон ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ хизмат хоҳанд кард.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Асилов, М.А., Василев Ф.Н. Dutor darsligi / М.А. Асилов, Ф.Н. Василев. – Тошкент, 1977.

2. Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии: исторические очерки / Т.С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 190 с.

3. Кароматов, Ф.М. Узбекская домбровая музыка / Ф.М. Кароматов. – Ташкент: Гослитиздат, 1962. – 260 с.

4. Кароматов, Ф.М. Узбекская инструментальная музыка / Ф.М. Кароматов. – Ташкент: Издательство литературы и искусства, 1972.

5. Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – 400 с.

6. Раджабий, Ю. Узбекская народная музыка: нотный сборник в 5 частях / Составитель и нотограф Ю. Раджабий. – Ташкент: Узбекское государственное издательство, 1955–1959.

7. Раҷабов, А. Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI–XVII / А. Раҷабов. – Душанбе: Контраст, 2007. – 222 с.

8. Раҳимов, Ш. Dutor: Musiqa va san’at maktablari uchun o‘quv qo‘llanma Ш. Раҳимов. – Тошкент, 2005.

Дар бораи муаллиф: Ҷӯраев Сироҷиддин Шарофуддинович– и.в. дотсенти кафедраи мутрибони анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. **Нишонӣ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳусейзода, 155. Тел.: +992 918 650 753, E-mail: juraev.sirojiddin@list.ru.

Сведения об авторе: Джураев Сироджиддин Шарофуддинович – и.о. доцента Таджикиской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейзода, 155. Тел.: 918 650 753, E-mail: juraev.sirojiddin@list.ru.

About the author: Juraev Sirojiddin Sharofuddinovich - Acting Associate Professor of the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. **Address:** 155 Sh. Huseyzoda Street, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +992 918 650 753, E-mail: juraev.sirojiddin@list.ru.

ТДУ: 786.2:78.03

МАГИСТРАТУРА ВА ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС ЧУН ШАКЛИ ТАЪЛИМ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Ҳайбатулло Шодиев
омӯзгори калони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Аннотатсия: *Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккул, рушд ва нақши зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъдидипломӣ — магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос дар низоми муосири маорифи ҷаҳонӣ ва миллӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф таърихи пайдоиши истилоҳоти «магистр» ва «доктор PhD», хусусиятҳои Раванди Болония ва таъсири он ба ҳамгироии фазои таҳсилотро мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин, дар мақола раванди татбиқ ва фаъолияти ин зинаҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар мисоли Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов бо овардани нишондиҳандаҳои оморӣ нишон дода шудааст.*

Калидвожаҳо: *магистратура, магистрант, доктор PhD, раванди Болоня, таҳсилоти олии касбӣ, Консерваторияи миллии Тоҷикистон, рисолаи илмӣ.*

МАГИСТРАТУРА И ДОКТОРАНТУРА ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ PhD КАК ФОРМА ОБУЧЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Хайбатулло Шодиев
старший преподаватель Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. Республика Таджикистан, г. Душанбе

Аннотация: *В данной статье рассматриваются вопросы формирования, развития и роли ступеней высшего профессионального и послевузовского профессионального образования — магистратуры и докторантуры по специальности PhD в современной мировой и национальной системах образования. Автор анализирует историю происхождения терминов «магистр» и «доктор PhD», особенности Болонского процесса и его влияние на интеграцию образовательного пространства. Также в статье на основе статистических показателей освещается процесс внедрения и функционирования данных уровней образования в Республике Таджикистан, в частности на примере Таджикской национальной Консерватории имени Талабхуджи Сатторова.*

Ключевые слова: *магистратура, магистрант, доктор PhD, Болонский процесс, высшее профессиональное образование, Таджикская национальная консерватория, научная диссертация.*

MASTER'S AND PhD DOCTORAL PROGRAMS AS A FORM OF EDUCATION IN THE CONTEMPORARY TIMES

Haybatullo Shodiev
Senior Lecturer at the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Annotation: *This article examines the formation, development, and role of higher professional and postgraduate professional education tiers—specifically Master's programs and PhD doctoral programs—in the modern global and national education systems. The author analyzes the etymological origins of the terms «master» and «doctor PhD», the features of the Bologna Process, and its impact on the integration of the educational space. Furthermore, the article highlights the implementation and operation of these educational levels in the Republic of Tajikistan using statistical indicators, with a specific focus on the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov.*

Keywords: *master's program, master's student, PhD doctor, Bologna Process, higher professional education, Tajik National Conservatory, academic dissertation.*

Пешгуфтор ба заминаи таърихии пайдоиши мафҳуми «магистратура». Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва ҳамгироии низомҳои таълимӣ, магистратура (Master's program) ва докторантура аз рӯйи ихтисос (Doctor of Philosophy) ҳамчун унсурҳои калидии таҳсилоти бисёрзинагӣ эътироф шудаанд. Магистратура (дар баъзе кишварҳо «мастерат» номида мешавад) зинаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки пас аз бакалавриат идома ёфта, имкон медиҳад, ки донишҷӯ ихтисоси худро дар самти муайяни касбӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ амиқтар фаро гирад.

Дар низоми таҳсилоти олӣ ду шакли асосии омодасозии кормандони тахассус (квалификатсияи)-и олӣ мавҷуданд. Таҳсил дар аспирантура (магистратура) ва докторантура (doctor PhD) аслан барои онҳое маҳсуб мегардад, ки ба фаъолияти илмӣ машғул шудан мехоҳанд [1].

Докторантура аз рӯйи ихтисос – шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муасссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муасссисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос барои шахсоне, ки дорои дараҷаи таҳсилоти олии касбии магистр барои ихтисосҳои тиббӣ магистр – ординатори клиникӣ мебошанд.

Магистратура – дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбие, ки ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ дипломи намунаи давлатиро медиҳад [2, с. 7;8].

Истилоҳи «магистр» таърихи куҳан дорад ва аз калимаи лотинии *magister* гирифта шуда, маънои «мураббӣ», «устод» ва «роҳбар»-ро дорад. Дар Рими Қадим калимаи «магистратура» (аз лотинии нав *magistratura*, аз *magistratus* – сардор) маънои вазифаҳои давлатиро дошт, ки пайдоиши он ба давраи таъсиси ҷумҳурӣ (охири асри VI то милод) рост меояд. Дар замони муосир, магистратура дараҷаи академии зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар асоси бакалавриат ба даст оварда мешавад [3].

Магистр – дараҷаи таҳсилоти олии касбӣ, ки баъди супоридани имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи магистрӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад. Магистр, асосан ба соҳаи муайяни илм машғул шуда, корҳои илмию тадқиқотӣ мебарад ва аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар вазифаҳое, ки ба сатҳи таҳсилоти ӯ мувофиқанд, кор мекунад [4, с. 7].

Дар таърихи илми Русия унвони «магистр» бо фармони император Александр I аз 24 январи соли 1803 «Дар бораи ташкили мактабҳо» дар баробари дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм ҷорӣ карда шуд. Мувофиқи оинномаи донишгоҳҳо аз соли 1884, дараҷаи илмии номзади илм бекор карда шуда, танҳо ду дараҷа – магистр ва доктори илм боқӣ монд. Диссертатсияҳои магистрии он давр хусусиятҳои корҳои ҷиддии илмиро доштанд. Ин дараҷа бо фармони Шурои Комиссарони Халқи (ШКХ) РСФСР аз 1 октябри соли 1918 бекор карда шуд ва то соли 1994 дар низоми шуравӣ ва пасошуравӣ дода намешуд. Танҳо дар оғози солҳои 1990-ум дар пайи гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ, ин истилоҳ дубора эҳё гардид.

Раванди Болоня ва ташаккули низоми дудараҷаии байналмилалӣ. изоми муосири дудараҷаи «бакалавриат-магистратура» маҳсули Раванди Болоня (Bologna Process) мебошад. Раванди Болоня силсилаи вохӯриҳо дар сатҳи вазоратҳо ва созишномаҳо байни кишварҳои аврупоӣ аст, ки ба таъмини муқоисаи стандартҳо ва сифати таҳассуси таҳсилоти олӣ равона шудааст. Номи он аз Донишгоҳи Болоняи Италия, яке аз қадимтарин донишгоҳҳои ҷаҳон, гирифта шудааст, ки соли 1986 аз он ҷо аввалин даъватҳо барои муттаҳид кардани низоми таҳсилоти аврупоӣ садо доданд.

Дар моҳи июни соли 1999 дар шаҳри Болоняи Италия 29 кишвари аврупоӣ Эъломияро имзо карданд. То соли 2005 низоми баҳои кредитӣ-баллӣ (ECTS) расман пайдо шуд, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бидуни сифр кардани натиҷаҳои худ бемамониат аз як донишгоҳ ба донишгоҳи дигар гузаранд. То имрӯз ин раванд 46 кишвари иштирокчиро дарбар мегирад. Дар Амрикои Шимолӣ ва Иттиҳоди Аврупо дараҷаи бакалавр тасдиқи таҳсилоти олии комил аст ва таҳсилро дар магистратура бештар донишҷӯёне идома медиҳанд, ки нияти пеш бурдани фаъолияти илмию педагогиро доранд.

Ҳадафҳои асосии раванди Болоня чунинанд: тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ, дар оянда баланд бардоштани сифат ва ҷолибияти таҳсилоти олии аврупоӣ, тавсеаи ҳаракат (гардиши)-и озодонаи донишҷӯён ва

омӯзгорон, ҳамчунин таъмини муваффақонаи хатмкунандагони муассисаҳои олии таҳсилот бо кор аз ҳисоби он ки тамоми дараҷаҳои илмӣ ва ихтисосҳо бояд ба бозори меҳнат равона карда шаванд. Бояд зикр намуд ки тамоми кишварҳо ба раванди мазкур ихтиёран бо ба имзо расонидани эъломияи мутобиқ ҳамроҳ карда мешаванд [5].

Татбиқи зинаи магистратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини таҳсилоти олии касбӣ муқаррар шудаанд:

- таҳсилоти бисёрзинаӣ: таҳсилоти олии касби, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузашта тахассуси дараҷаи «бакалавр» дода мешавад: таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузашта тахассуси дараҷаи «магистр» дода мешавад [6, с. 255].

Шуъбаҳои магистратура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъдидипломӣ» ва фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд [7].

Фаъолияти зинаи магистратура дар донишгоҳҳои кишвар бо қарори коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2000, №4/7 оғоз гардида, тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илм аз 07.07.2001, №80 заминаи қонунӣ пайдо кард. Муҳлати меъёрии барномаи омодасозии магистрон дар шакли рӯзона 2 солро ташкил медиҳад. Аз семестри аввал ба магистрантҳо роҳбари илмӣ аз ҳисоби докторҳо ва номзадони илм таъин карда мешавад ва мавзуъҳои илмии онҳо дар ҷаласаи шурои олимон тасдиқ мегарданд. Барномаи таълимӣ барои омода намудани кадрҳои илмию педагогӣ ва мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат нигаронида шудааст.

Магистр ва ё магистрант: кадомин дуруст аст. Дар ин ҷо фарқияти ду мафҳумро қайд кардан зарур аст:

- Магистрант – шахсест, ки айни замон дар зинаи магистратура таҳсил мекунад ва то ҳанӯз тахассус ва дараҷаро соҳиб нашудааст.

- Магистр – шахсест, ки магистратураро хатм намуда, дар натиҷаи ҳимояи рисола соҳиби дараҷаи академӣ (диплом) гардидааст [8].

Дараҷаи доктори фалсафа (PhD). Дараҷаи доктори фалсафа (PhD) (аз лотинии *doctor* – муаллим) дараҷаи олии академӣ мебошад, ки донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақили тадқиқотӣ ва омӯзгорӣ омода мекунад. Дар ИМА ва Британиё дараҷаи докториро «доктори фалсафа» (Doctor of Philosophy) меноманд, новобаста аз он ки шахс дар кадом ихтисос (иқтисод, биология, физика, санъатшиносӣ ва ғайра) дараҷа мегирад. Номи «Doctor of Philosophy» танҳо ҳамчун арҷгузорӣ ба анъанаҳои донишгоҳҳои асримиёнагӣ нигоҳ дошта шудааст.

Тибқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос - дараҷаи олии академие, ки ба шахс баъди аз худ намудани барномаи касбии докторантура аз рӯи ихтисоси муайян ва ҳимояи рисолаи илмии дахлдор дода мешавад.

Докторант аз рӯи ихтисос - шахси дорои дараҷаи таҳсилоти олии касбии магистр, барои ихтисосҳои тиббӣ магистр - ординатори клиникӣ, ки бо мақсади таҳияи рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос дар докторантура таҳсил мекунад [9].

Дар моддаи яки Низомномаи докторантура аз рӯи ихтисос доир ба мафҳуми докторантура аз рӯи ихтисос ва шаклу тартиби таҳсил чунин омадааст:

- докторантура аз рӯйи ихтисос - шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии «доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос» барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академии «магистр» мебошанд ё резидентура ва ординатураи клиникиро (барои ихтисосҳои тиббӣ) хатм намудаанд;

- докторант аз рӯйи ихтисос - шахсе, ки дар докторантура аз рӯйи ихтисос таҳсил менамояд;

- доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - дараҷаи илмие, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори шӯрои диссертатсионӣ баъди дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос ба докторанте дода мешавад, ки талаботи барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро иҷро кардааст ва маҷмӯи имтиҳонҳои ҷамъбастиро бомуваффақият супоридааст;

- ихтисоси тайёр намудани доктор аз рӯйи ихтисос - маҷмӯи ба таври мақсаднок аз худ намудани барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос, дониш, маҳорат ва малакаҳо аз рӯйи соҳаи мушаххаси илм, ки барои навъи муайяни фаъолияти илмӣ зарур аст [10].

Докторантура аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва илмию таҳқиқотие таъсис дода мешавад, ки аз рӯйи самт ва ихтисоси докторантураи таъсисдодашаванда аз рӯйи ихтисос такягоҳи таълимӣ, илмӣ ва кадрии мувофиқ доранд.

Дар низоми аврупоӣ (Олмон, Австрия) пас аз дараҷаи докторӣ, инчунин тартиби «ҳабилитатсия» (*habilitation*, аз лат. *habilis* – қобилиятнок) мавҷуд аст, ки ҳуқуқи ишғоли дараҷаи илмии профессорро медиҳад. Мақсади асосии докторантураи PhD, ин машғул шудан ба корҳои тадқиқотии аслӣ, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва гузоштани саҳми назаррас дар илм мебошад [11].

Тибқи моддаи 47-и Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шазсони бешаҳрван, ки зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд, қабул карда мешаванд» [12, с. 244].

Таҳлили фаъолияти магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос дар мисоли Консерваторияи миллии Тоҷикистон. Барои нишон додани татбиқи амалии ин низоми байналмилалии таҳсилот, фаъолияти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро (КМТ) мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

1. **Зинаи магистратура:** Дар КМТ таҳсилот дар зинаи магистратура аз соли 2018 ба роҳ монда шудааст. То кунун ба магистратура 100 донишомӯз қабул шуда, 84 нафари онҳо консерваторияро бомуваффақият хатм намудаанд. Дар ин давра 7 нафар шаҳрванди хориҷӣ аз 4 кишвар (Русия, Чин, Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Корея) таҳсил карда, 5 нафари онҳо соҳиби диплом шуданд. Дар маҷмуъ 26 нафар хориҷ ва 6 нафар дубора ба таҳсил барқарор шудаанд.

2. Зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос: Таҳсил дар ин зина аз соли 2021 шуруъ гардид. Дар соли аввал 5 нафар шомил шуда буданд, ки баъдан 2 нафар бо хоҳиши худ хориҷ шуда, 3 нафар (Абдуллозода Э.А., Аҳмадзода З.Ш. ва Убайдзода Б.А.) соли 2024 докторантураро бомуваффақият хатм намуданд. Дар маҷмуъ аз ин зина 6 нафар хориҷ шудаанд.

Хулоса. Низоми бисёрзинагии таҳсилот (бакалавриат – магистратура – докторантура аз рӯйи ихтисос) баъди эълон гардидан ва тавсеа ёфтани раванди Болоня дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор пайдо карда, ба яке аз рукнҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф ва илми кишвар мубаддал гаштааст. Ин низом имконият медиҳад, ки раванди пайвастаи таълим, тарбия ва тадқиқот таъмин гардида, мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати муосир омода карда шаванд.

Таҷрибаи чандинсолаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов нишон медиҳад, ки гузариш ва татбиқи бомуваффақияти ин низом на танҳо ба омода кардани кадрҳои баландихтисоси миллии илмӣ-педагогӣ ва эҷодӣ кӯмак мерасонад, балки ҷолибияти байналмилалии низоми маорифи кишварро низ таъмин менамояд. Хусусан, дар соҳаи фарҳанг ва санъат, ки равандҳои интегратсионӣ ва муколамаи фарҳангҳо нақши калидӣ доранд, низоми мазкур роҳро ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳсили академии донишҷӯён ва устодон дар хориҷи кишвар ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, ҳамвор месозад.

Илова бар ин, татбиқи докторантура аз рӯйи ихтисос дар соҳаи мусиқишиносӣ, иҷрокунандагии касбӣ, санъати мусиқии суннатӣ ва эстрада имкон медиҳад, ки пажӯҳишҳои бунёдӣ ва амалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ гузаронида шуда, мероси ғании мусиқии миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо

дастовардҳои илми муосири ҷаҳонӣ омӯхта ва тарғиб карда шавад. Ин омил на танҳо мақоми илмии Консерваторияро баланд мебардорад, балки дар ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳми арзанда мегузорад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи пешқадами Консерваторияи миллии Тоҷикистон гувоҳи он аст ки низоми бисёрзинагии таҳсилот кафили асосии рушди устувори илму маориф буда, барои боз ҳам баланд бардоштани нуфузи байналмилалии илму маориф ва санъати тоҷик дар фазои глобалии таълимӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. История докторантуры и магистратуры [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.bing.com/search?q =История+ магистратуры +и+ докторантуры+PhD&cvid (санаи мурочиат: 23.02.2025).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. Боби 1, моддаи 1. Дар кит. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ (қисми 1). – Душанбе, 2022, - 528 саҳ.
3. [Манбаи электронӣ]//Низоми дастрасӣ: URL: https://econ. spbu.ru/ ru/postupayushchim/magistratura/istoriya-magistratury (санаи мурочиат: 23.02.2025).
4. Мактаби олӣ. – Душанбе, 2007, – 528 с.
5. Болонский процесс: структурная реформа высшего образова-ния Европы. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://ru.wikipedia. org/wiki/ (санаи мурочиат: 11.03.2025).
6. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 117. Дар кит. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ (қисми 1). – Душанбе, 2022, - 528 саҳ.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳ-силоти касбии баъдидипломӣ» аз 19 майи соли 2009, № 517.
8. [Манбаи электронӣ]//Низоми дастрасӣ: URL: https://100umov. ru/polezno-znat/magistr-ili-magistrant-kak-pravilno/ (санаи мурочиат: 11.03.2025).
9. [Манбаи электронӣ]//Низоми дастрасӣ: URL: https:// medical.tnu.tj/wp-content/uploads/2023/03/konuni-chumhurii-tochikiston-dar-borai-tahsiloti-olii-kasbi.pdf (санаи мурочиат: 23.04.2025).
10. Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос. Замимаи 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «25» феврали соли 2017, № 93.
11. Докторантура [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://cyclowiki.org/wiki/ (санаи мурочиат: 11.03.2025).
12. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар кит. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ (қисми 1). – Душанбе, 2022, - 528 саҳ.

Дар бораи муаллиф: Шодиев Ҳайбатулло Абдуллоевич – омӯзгори калони кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. **Нишонӣ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳусейзода, 155. Телефон: +(992) 935910281; E-mail: shis1965@mail.ru.

Сведения об авторе: Шодиев Ҳайбатулло Абдуллоевич – старший преподаватель кафедры языков и гуманитарных наук Таджикской национальной консерватории имени Талабхуджи Сатторова. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейзода, 155. Телефон: +(992) 935910281; E-mail: shis1965@mail.ru.

About the author: Shodiev Haybatullo Abdulloevich – Senior Lecturer at the Department of Languages and Humanities of the Tajik National Conservatory named after Talabkhuja Sattorov. **Address:** 155 Sh. Huseyzoda Street, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +(992) 935910281; E-mail: shis1965@mail.ru.

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ

Дар маҷаллаи илмии «Мутриб» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои санъатшиносӣ ва фарҳангшиносиро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman, ҳаҷми ҳарфҳо 14 (нақшаҳо 12), ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;

2. Ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 10 саҳифа ва на беш аз 20 саҳифа;

3. Ҳамаи ҷадвал, мисоли нотавӣ ва ҳоказо – дар шакли расм. Зернавишти онҳо – *бо рақамгузории ягона, курсив.*

4. Шеърҳо – *бо фосилаи байнисатрии 1,15 курсив*.

5. Нишондоди ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

6. Номи мақола бо ҳарфҳои калон дар маркази матн;

7. Ном ва насаби муаллиф(он) дар шакли пурра;

8. Номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)-и мақола кору фаъолият менамояд;

9. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 7 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯйи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;

10. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

11. Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зер оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо, ба шакли: Қосимова, М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар) / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.;

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмуаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

1. Айнӣ, С. Маънои калимаи тоҷик / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1986. – № 8. – С. 48-73.

2. Ҳошим, Р. Иншои шеър / Р. Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 январ. – № 1 (2076). – С. 13.

3. Азизӣ, Ф.А., Убайдзода, Б.А. Портрети мухтасари композитор Фирӯз Баҳор / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Азизӣ, Ф.А., Абдуллозода, Э.А. ва диг. Очеркҳои тахрихи мусиқии Тоҷикистон дар асрҳои XX – аввали XX1. Таҳқиқоти илмӣ мусиқишиносӣ. Китоби 1. – Душанбе: Эр-граф, 2025. – С. 26-27.

4. Азизӣ, Ф.А. Асосҳои мусиқии классикии тоҷик. Китоби 1. Таърих. Китоби дарсӣ / Ф.А. Азизӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 400 с;

12. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 15 сатр (аз 130 то 150 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 вожа;

13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;

14. Мақолаи аспирант /докторанти PhD/, унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;

15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;

16. Маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

17. Нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [5, с. 75];

18. Маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад;

19. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷаллаи илмии «Мутриб» дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад;

20. Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад;

21. Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад. Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

22. Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад;

23. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда, ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд;

24. Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие

1. Статьи принимаются в редакторе Word, шрифт Times New Roman размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;

2. Объем статьи: не менее 10 и не более 20 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;

3. Все таблицы, нотные примеры и др. – в виде рисунка, их названия – *единой сквозной нумерацией, межстрочным интервалом 1,5 курсивом*.

4. Стихи – *полуторным межстрочным интервалом, курсивом*.

5. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);

6. Название статьи заглавными буквами по центру текста;

7. Ф.И.О. автора(ов)

8. Название организации, где работает(ют) автор(ы);

9. Основной текст статьи не менее 10 страниц (исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);

10. Список литературы не менее 7 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора (ов).

11. Цитаты точно сверены с источником, и в конце страницы автор приводит ссылки на их оригиналы.

12. Список литературы, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг - фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, общее число страниц, например, Қосимова, М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар) / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.;

б) для статей – имя автора, полное название статьи, название сборника статьей, книги, газеты, место издания, город (для книги), год и номер газеты, журнала, например:

1. Айнӣ, С. Маънои калимаи тоҷик / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 986.–№ 8.–С. 48-73.

2. Ҳошим, Р. Иншои шеър / Р. Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 январ. – № 1 (2076). – С. 13.

3. Азизӣ, Ф.А., Убайдзода, Б.А. Портрети мухтасари композитор Фирӯз Баҳор / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Азизӣ, Ф.А., Абдуллозода, Э.А. ва диг. Очеркҳои тахрихи мусиқии Тоҷикистон дар асрҳои XX – аввали XX1. Таҳқиқоти илмӣ мусиқишиносӣ. Китоби 1. – Душанбе: Эр-граф, 2025. – С. 26-27.

4. Азизӣ, Ф.А. Асосҳои мусиқии классикии тоҷик. Китоби 1. Таърих. Китоби дарсӣ / Ф.А. Азизӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 400 с.

11. Перевод названия статьи, аннотации и ключевые слова приводятся на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме 15 строк (от 130 до 150 слов), ключевые слова 7-10 слов;

13. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;

14. Статьи аспиранта /докторанта PhD/, соискателя принимаются к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя /научного консультанта;

15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;

16. Информация об авторе(ах) приводится на трех языках (таджикский, русский и английский);

17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [5, с. 75], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – номер страницы;

18. Следует нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки;

19. Предоставить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках);

20. Статья рассматривается редакцией в течение 30 дней;

21. Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов - всеми соавторами.

22. Рукопись должна быть внимательно прочтена и представлена без ошибок. Рукописи, оформленные без соблюдения данных требований, рассматриваться не будут.

23. Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку.

24. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

25. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

ISSN: 2959-1848 (Print)
ISSN: 3079-1987 (Online)

МУТРИБ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ /
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ /
ACADEMIC JOURNAL
2026, № 3 (11)

Нишонии мо:
ш. Душанбе, к. Ш. Ҳусейнзода, 155
Телефонҳо: 227 07 20; 227 60 29,
https://konservatoriya.tj ва https://mutrib.konservatoriya.tj
E-mail: tjconservator@mail.ru ва mutribkmt22@gmail.com

Маҷалла дар дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст 4-уми августи соли 2022, таҳти №258/МҶ-97 ва бори дуюм 29-уми декабри соли 2025, таҳти №451/ МҶ-97 номнавис шудааст.

Теъдоди нашр 100 нусха.
Супориш № 18/26.

Маҷалла дар нашриёти
«Истеъдод» чоп шудааст.
Шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ – 36.